ДАРСИ ЯКУМ

# Навиштаҳои Пок

## Сарсухан

Навиштаҳои Пок аз ҳамаи дигар китобҳо фарқ мекунанд. Агар шумо ба он назар кунед, он мисли як китоби том менамояд. Аммо он аз шасту шаш китоби алоҳида иборат буда, аз китоби Ҳастӣ сар мешавад ва бо китоби Ваҳй ба охир мерасад.

Шасту шаш китоби он ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд. Қисми якум аз сиву нӯҳ китоб иборат буда, "Паймони Куҳан" ном дорад. Қисми дуюм бошад, аз бисту ҳафт китоб иборат буда, "Паймони Навин" номида мешавад.

Дар аввали Навиштаҳои Пок номгӯйи китобҳо ҷой дода шудааст. Инчунин дар номгӯй саҳифаи аввали ҳар як китоб оварда шудааст.

## Навиштаҳои Покро кӣ навиштааст?

Дар навиштани Навиштаҳои Пок тақрибан сиву шаш кас иштирок намудааст. Фосилаи вақт аз навишта шудани китоби аввалин то китоби охирини он тақрибан ҳазору шашсад солро дар бар мегирад. Навиштаи Пок суханест, ки илҳоми Илоҳиро дорад ва инро дар ёд доштан муҳим аст. Бо ин гуфтаҳо мо чиро дар назар дорем? Ин маънии онро дорад, ки одамон Навиштаҳои Покро таҳти назорати Худо навиштаанд. Худо ба онҳо чунон таъсир мебахшид, ки онҳо маҳз калимаҳои мувофиқи хости Ӯ бударо менавиштанд.

Оятҳои зерини Навиштаҳои Пок таҳти илҳоми Худованд будани нависандаҳоро тасдиқ мекунанд:

“Зеро ки ҳаргиз пайғамбарӣ (пешгӯӣ) бо хости одамизод ба забон ронда нашудааст, балки муқаддасони (покон) Худо бо роҳнамоии Рӯҳи Муқаддас (Пок) онро ба забон рондаанд” (2Петрус 1:21).

“Тамоми Навиштаҳо аз рӯи илҳоми Илоҳист ва барои омӯзиш, барои фош намудан, барои ислоҳ, барои ҳидоят ба роҳи адолат фоиданок аст, то ки имондор (бовардор) комил гардида, ба ҳар амали нек тайёр бошад” (2Тимотиюс 3:16,17).

Инак, мо мебинем, ки Навиштаҳои Пок – Сухани Худо мебошанд. Баъзе касон мегӯянд, ки Навиштаҳои Пок *пурра* дорои сухани Худо нестанд. Ин фикр чунин маънӣ дорад, ки баъзе қисмҳои Навиштаҳои Пок таҳти илҳоми Илоҳӣ навишта шудаанду қисми дигари он не. Вале *ҳар як қисми Навиштаҳои Пок аз рӯи илҳоми Худо навишта шудаанд*. “Тамоми Навиштаҳо аз рӯи илҳоми Илоҳист”.

Боз як чизи муҳимро донистан зарур мебошад. Худованд ба одамон дигар китоб надодааст. Ӯ танҳо Навиштаҳои Покро ба мо бахшидааст, ки сухан ва пешгӯиҳои Ӯ мебошанд. Дар боби охирини Навиштаҳои Пок Худо огоҳ мекунад, ки мо ба ин Навишта ҳеҷ чиз илова ва ҳеҷ чиро аз он кам накунем (Ваҳй 22:18,19).

## Навиштаҳои Пок ба мо дар бораи чӣ ҳикоят мекунанд?

Навиштаҳои Пок аз шасту шаш китоб иборат бошанд ҳам, дорои танҳо як фикри асосӣ мебошанд. Онҳо аз Исои Масеҳ хабар мерасонанд. Дар Паймони Куҳан бисёр пешгӯиҳо вуҷуд доранд, ки аз таваллуди Исо, зиндагӣ ва марги Ӯ

хабар медиҳанд. Паймони Навин бошад аз воқеаҳои ҳаёти Исо, ки дар ин ҷаҳон рух дода буд, ҳикоят мекунад.

## Навиштаҳои Пок чиро дар бар мегиранд?

Навиштаҳои Пок дар бораи ҷаҳон аз аввали пайдоиши он то замони фаро расидани замин ва осмони нав ҳикоят мекунанд.

Китоби якуми Мусо аз пайдоиши ҷаҳон, ба он ворид шудани гуноҳ, тӯфони об ва пайдоиши халқи Исроил ҳикоят мекунад. Аз китоби дуюми Мусо то китоби Эстер таърихи халқи Исроил
тақрибан то соли чорсадуми пеш аз милод* ҳикоят карда мешавад. Аз китоби Айюб то китоби Суруди Сурудҳо Навиштаҳои Покро шеърҳои аҷоиб ва суханҳои ҳикматомез фаро гирифтаанд. Дигар китобҳои Паймони Куҳан (аз китоби Ишаъёи Набӣ то китоби Малокии Набӣ) хабар ва пешгӯиҳои бисёреро, ки аз оянда хабар медиҳанд, дар бар мегиранд. Ин Китобҳо сухани Худовандро, ки ба халқи Исроил равона карда шудааст, фаро гирифтаанд. Худо ҳолати халқи Исроилро ошкор карда, аз воқеаҳое ки бо ӯ дар оянда рӯй медиҳанд, пешгӯӣ мекунад.

Дар аввали Паймони Навин чор китоб воқеанд. Ҳар кадоми он аз ҳаёти Худованд Исои Масеҳ, ки дар ин замин аз сар гузаронидааст, ҳикоят мекунанд. Китоби Аъмоли Ҳавворийн аз ҳаёти ҳаввории бузург Павлус ва масеҳиёни аввалин ҳикоят мекунад. Китобҳо аз Номаи Яъқуб то Нома ба Ибриён –номаҳоеанд, ки ба ҷамоатҳо ё шахсони алоҳида равона шудаанд. Онҳо ҳақиқатҳои бузурги бовари масеҳиро фаҳмонда, оиди ҳаёти поки бовардорона ба мо таълимоти

* Милод – таваллуди Исои Масеҳ.

аниқ пешниҳод мекунанд. Китоби Ваҳй аз воқеаҳое ки дар оянда дар замин, осмон ва дӯзах рӯй медиҳанд, маълумот медиҳад.

## Хулоса

Мо фикреро манзури шумо мегардонем, ки роҷеъ ба Навиштаҳои Пок баён шудааст: "Ин китоб хиради Худо, ҳолати одамизод, роҳи наҷот, доварӣ бар гуноҳкорон ва хурсандии бовардоронро дар бар мегирад. Таълимоти он бо покии худ фарқ мекунад, қонунҳояш – раднашаванда, ҳикоёти таърихиаш ҳақиқӣ, муқаррароташ – тағйирнопазир аст. Онро бихонед, то ки хирад пайдо кунед. Ба он бовар кунед, то ки наҷот ёбед ва таълимоти онро дар ҳаёти худ ба ҷо оваред, то ки покӣ пайдо кунед. Ин китоб барои роҳнамоӣ рӯшноӣ, барои қувватмандӣ ғизо ва барои рӯҳбаланд намудани шумо тасалло дорад. Он барои манфиати мо пешбинӣ шудааст. Мақсади хотимавии он васфи ҷалоли Худованд мебошад. Онро бешитоб ва бо диққат хонед. Дар ҳолати дуо доимо ба саҳифаҳои он муроҷиат намоед. Ин Китоби китобҳост, ки дар он Худо Худро ба одамизод зоҳир намудааст".

# Саволҳо барои гурӯҳан муҳокима кардан

## <u>Дарси 1 – Навиштаҳои Пок</u>

1. Дониши оид ба Навиштаҳои Пок доштаатонро санҷед. Навиштаҳои Пок аз чанд китоб иборатанд? Паймони Куҳан? Паймони Навин?

2. Илҳоми Илоҳии Навиштаҳои Пок гуфта чӣ дар назар дошта мешавад? Ба 2Петрус 1:21 ва 2Тимотиюс 3:17 нигаред. Барои чӣ ин муҳим аст?

3. Фарқиятҳои асосии Паймони Куҳан ва Паймони Навинро баён кунед.

4. Навиштаҳо кадом мавзӯъҳои асосиро дар бар мегиранд?

ДАРСИ ДУЮМ

# Худо

Фикри аз ҳама муҳим, ки шумо метавонед онро дар ақли худ ҷой диҳед, ин дарк кардани Худо ва муносибати худ бо Ӯ мебошад.

### Вуҷуд доштани Худо

1. Навиштаҳои Пок кӯшиш намекунанд, ки ба вуҷуд доштани Худо далел оваранд. Дар зарфи тамоми Навиштаҷот ин ҳамчун як ҳақиқат, ҳамчун як чизи муқаррар ва баҳснопазир пешкаш мешавад. Ба ин гуфта ояти якуми Навиштаҳои Пок мисол шуда метавонад: "Дар аввал Худо осмон ва заминро офарид". Ин оят вуҷуд доштани Худоро ҳамчун ҳақиқати бебаҳс пешкаш мекунад, ки ба далел мӯҳтоҷ нест. Дар Забур 13:1 инсоне ки вуҷуд доштани Худоро рад мекунад, беақл номида мешавад.

2. Бо вуҷуди он, ба ғайр аз Навиштаҳои Пок боз дигар тасдиқоти муайян вуҷуд доранд, ки мавҷудияти Худоро исбот мекунанд.

   **a.** Одамон ҳама вақт, дар тамоми ҷаҳон ба Парвардигор, ба Оне ки аз онҳо беҳтар ва бузургтар аст, бовар мекарданд.

**б.** Олам наметавонист худ аз худ пайдо шавад. Касе ё чизе боиси пайдоиши тамоми мавҷудот шудааст.

**в.** Дар тамоми мавҷудот нақшаи бузург инъикос шуда, таъиноти он муқаррар карда шудааст. Ин вуҷуд доштани Касеро мефаҳмонад, ки ин нақша ва таъинотро ба амал овардааст.

**г.** Одам офаридаи фикркунанда мебошад, ки некиву бадиро медонад. Аз ин рӯ Офаридгори ӯ бояд Касе бошад, ки бо шуур ва қудрати бузург фарқ кунад, нисбат ба инсон мақоми бениҳоят баландро соҳиб бошад, то Офарандаи ӯ бошад.

Моҳияти Худо

1. ***Худо Рӯҳ аст*** (Юҳанно 4:24). Яъне Худо ҷисм надорад. Мо Ӯро дида наметавонем. Бо вуҷуди он, Худо метавонад Худро дар шакли зоҳирӣ аён кунад, то ин ки мо Ӯро дида тавонем. Худо дар Шахсияти Исои Масеҳ дар ҷисм (бадани одамӣ) ба ин ҷаҳон омадааст (Юҳанно 1:1,14,18; Қӯлассиён 1:15; Ибриён1:3).

2. ***Худо Шахсият аст.*** Худо ҳамон ҳиссиётҳоеро дорост, ки мо низ дорем. Ӯ медонад ва мефаҳмад (Ишаъё 55:8,9). Ӯ ҳиссиётҳои монанди ғам (Ҳастӣ 6:6), муҳаббат (Юҳанно 3:16), шафқат (Забур 110:4), рашк (Хуруҷ 20:5) ва ғазабро (Такрори Шариат 1:37) дорост. Ӯ инчунин дорои ирода мебошад (Забур 113:11; Юҳанно 6:38).

3. ***Ягонагии Худо.*** Навиштаҳои Пок аз вуҷуд доштани Худои ягона таълимоти аниқ медиҳанд (Такрори Шариат 4:39;

Марқӯс 12:29). Нигаред ба 1Тимотиюс 2:5. Таълимот оиди он ки худоёни бисёр ҳастанд, дурӯғ буда, ба ақли солим рост намеояд. Танҳо як Худо, ки аз ҳама чиз ва ҳама кас афзалият дорад, вуҷуд дошта метавонад.

4. ***Моҳияти Илоҳӣ.*** Худо аз одамизод он қадар афзалият дорад, ки агар Худро зоҳир намекард, ҳеҷ як инсон Ӯро тасаввур карда ё ин ки фаҳмида наметавонист. Навиштаҳои Пок таълим медиҳанд, ки Худо ягона буда, Худро дар се Шахсият зоҳир мекунад: Худо – Падар, Писар ва Рӯҳи Пок. Ин се Худо нест, чунки Худо дар моҳияти Худ тақсимнашаванда аст. Мо мафҳуми "*Сегона*"-ро барои тасвири моҳияти Худои ягона истифода мебарем. Барои ақли инсон ин сир аст. Мо инро пурра фаҳмида наметавонем, вале метавонем бовар кунем, зеро Навиштаҳои Пок мегӯянд, ки ин ҳақиқат аст. Оятҳои зерин ҳақиқат будани ин мафҳумро тасдиқ мекунанд:

**а.** Ҳангоми ғӯта гирифтани Исои Масеҳ (Матто 3:16,17).
**б.** Дар амри бузург (Матто 28:19).
**в.** Ҳангоми додани файзу баракат (2Қӯринтиён 13:13).

Дар нома ба Румиён 1:7 Падар Худо номида мешавад. Дар нома ба Ибриён 1:8 Писар Худо номида мешавад. Дар Китоби Аъмоли Ҳаввориён 5:3,4 Рӯҳи Пок (Рӯҳулқудс) Худо номида мешавад.

Муносибатҳо байни Падар ва Писар дар *Сегонаи* Илоҳӣ ба муносибатҳои падар ва писар дар фаҳмиши одамӣ монанд нест. Худо – Писар, чун инсон аз Падар зода нашудааст. Исои Масеҳ гуфта буд, ки Ӯ дар Падар ва Падар дар Ӯст (Юҳанно 14:9-11). Ҳамчунин Исо гуфта буд, ки Ӯ ва Падар яканд (Юҳанно 10:30). Чунин муносибатҳои

байниҳамдигарии падару писар дар байни одамон мушоҳида намешаванд.

## Моҳияти Худо

Чигунагии Худоро шарҳ додан мушкил аст. Тасвир кардани баъзе нишонаҳои хислати Худо барои беҳтар фаҳмидани Ӯ кӯмак мерасонад. Мо онҳоро хусусиятҳои Худо меномем.

1. ***Худо дар ҳама ҷо ҳузур дорад.*** Худо дар як вақт дар ҳама ҷо ҳузур дорад (Ирмиё 23:24; Забур 138:7,12).

2. ***Худо ҳама чизро медонад.*** Худо ҳама чиз: фикр ва кирдори моро медонад: (Масалҳои Сулаймон 15:3; Забур 138:1,2; Ибриён 4:13).

3. ***Худо қодир аст.*** Худо дорои тавононоӣ ва қудрати том мебошад. Ӯ оламро офарид ва онро таҳти назорати Худ дошта, бо қудрати Худ бар он роҳбарӣ мекунад. Худо бо хости Худ амал мекунад (Ирмиё 32:17,18; Ҳастӣ 17:1; Матто 19:26).

4. ***Худо ҷовидон аст.*** Худо ҳеҷ гоҳ ибтидо надошт ва то абад вуҷуд дорад (Забур 89:3; Ҳастӣ 21:33; Забур 101:27,28).

5. ***Худо тағйирнопазир аст.*** Худо ҳеҷ гоҳ дигаргун намешавад, зеро ки Ӯ комил аст (Малокӣ 3:6; Яъқуб 1:17).

6. ***Худо муқаддас (пок) аст.*** Худо комилан пок ва бегуноҳ мебошад (Ишаъё 6:3). Ӯ ба гуноҳ нафрат дошта, некиро дӯст медорад (Масалҳои Сулаймон 15:9,26). Худо гуноҳро

ба ҳузури худ роҳ намедиҳад, бинобар он аз гуноҳкорон ҷудо аст. Худо гуноҳро ҷазо медиҳад (Ишаъё 59:1,2).

7. ***Худо одил аст.*** Амалҳои Худованд ҳақ ва аз рӯи адолат мебошанд (Забур 118:137; Дониёл 9:14). Ӯ ҳама гуфтаҳои Худро ба ҷо меоварад (3Подшоҳон 8:56).

8. ***Худо муҳаббат аст.*** Моҳияти Худо аз муҳаббат иборат аст (1Юҳанно 4:8,16,19). Бо вуҷуди он ки Худо аз гуноҳ нафрат дорад, ӯ гуноҳкоронро дӯст медорад (Румиён 5:8). Юҳанно 3:16-ро хонед.

# Саволҳо барои гурӯҳан муҳокима кардан

## <u>Дарси 2 – Худо</u>

1. Аз мавзӯи хондаатон фаҳмонед, ки барои чӣ ба вуҷуд доштани Худо бовар кардан мушкил нест. Якчанд далел биёред (Забур 13:1).

2. Оё Навиштаҳои Пок барои исбот кардани мавҷудияти Худо далел доранд?

3. Хислат ва хусусиятҳои Худо чӣ гунаанд? Худо аз одам бо чӣ фарқ мекунад?

4. Аз ҳама хусусиятҳои Худо онҳояшро номбар кунед, ки ҳангоми душвориҳо моро дастгирӣ мекунанд.

5. Ҳангоме ки мо ба душвориҳои калон дучор мешавем, ҳақиқати ба Худо маълум будани ҲАМА ЧИЗ ба фикрҳо, суханон ва рафтори мо чӣ таъсире мерасонад?

ДАРСИ СЕЮМ

# Одам

Агар мо дар бораи инсон ҳақиқатро донистан хоҳем, бояд ба Навиштаҳои Пок муроҷиат намоем, чунки "Сухани Худо ҳақиқат аст". Дар Навиштаҳои Пок мо аз пайдоиши одамизод, моҳияти ӯ, муносибати ӯ бо дигар офаридаҳо, ба гуноҳ афтодани ӯ ва воқеаҳое ки бо ӯ дар оянда рӯй медиҳанд, маълумот пайдо мекунем.

## Пайдоиши одам

Дар бораи пайдоиши одамизод маълумот ҷустани мо хоҳиши табиист. Мо на ҳама вақт дар рӯи замин зиндагӣ мекардем. Одамони ҷуқур фикр мекарда, ки файласуфон ном доранд, оиди пайдоиши инсон ҳар гуна назарияҳо пешниҳод мекарданд. Назария, ба ақидаи инсон, сабаби ҳодисаи рӯйдода мебошад, вале он ҳақиқати исботшуда нест. Назарияи аз ҳама машҳури ҳозиразамон оиди пайдоиши одамизод назарияи эволюсия мебошад. Тарафдорони ин назария мегӯянд, ки инсонро ҳеҷ кас наофаридааст, балки одам дар ҷараёни инкишоф аз ҳайвонҳои пасттар ба вуҷуд омадааст.

Аммо Навиштаҳои Пок ба мо чунин мегӯянд: "Дар ибтидо Худо осмон ба заминро офарид. ...Ва Худо одамро офарид" (Ҳастӣ 1:1,27).

Барои чӣ Худо одамро офарид? Худо мегӯяд, ки Ӯ одамонро барои ҷалоли Худ офаридааст (Ишаъё 43:7). Аз ин маълум мешавад, ки мо барои ситоиш кардани Худо офарида шудаем.

## Моҳияти одам

Агар шумо ҷон додани одамро дида бошед, медонед, ки ҳар як одам дорои бадан, рӯҳ ва ҷон аст. Ҳоло ӯ назди шумо зинда аст – аммо пас аз чанд лаҳза мемирад. Ҷисми ӯ ҳоло ҳам назди шумо, вале мурда аст, чунки ҷонаш рафта, танҳо тани ҳаёт надоштааш мондааст. Одам на танҳо аз бадан, балки аз ҷон ва рӯҳ иборат аст.

Навиштаҳои Пок таълим медиҳанд, ки инсон аз ҷисм, ҷон ва рӯҳ иборат мебошад (1Таслӯникиён 5:23). Ба мо фарқи рӯҳ ва ҷонро фаҳмидан душвор аст, чунки мо онҳоро мисли бадан дида наметавонем, аммо дар Навиштаҳои Пок гуфта мешавад, ки онҳо аз якдигар фарқ мекунанд. Ҳайвонот дорои ҷисму ҷон мебошанд, аммо онҳо рӯҳ надоранд. Одам бошад дорои ҷисм, ҷон ва рӯҳ мебошад.

Маҳз ҷон ва ҳузури он дар бадани одами зинда ӯро аз одами мурда фарқ мекунонад. Инчунин инсон аз ҳайвон бо он фарқ мекунад, ки одамон рӯҳ доранд. Ба воситаи рӯҳ мо бо Худо муносибат дошта метавонем. Ҳиссиёт ва ҳавасҳо ба ҷони мо мансуб буда, қобилияти донистан ва фикр кардан бошад аз рӯҳ ба амал меояд. Мо соҳиби рӯҳ буда, назди Худо масъулият дорем. Вазифаи бузургтарини мо аз донистани хости Худо оиди худ ва ба ҷо овардани он иборат аст.

## Иродаи озоди одам

Худо ҳамчунин дар олам дигар офаридаҳо офаридааст. Онҳо –фариштаҳо, яъне рӯҳҳоянд, ки ҷисм ва ҷони инсонӣ надоранд. Онҳо нисбат ба мо пурқувват буда, барои ба Худо

хизмат кардан офарида шудаанд. Онҳо мисли мо иродаи озод дошта, мувофиқи хости худ метавонанд амал кунанд. Баъзеи онҳо аз хости Худо саркашӣ карда, гуноҳ содир кардаанд.

Худо метавонист моро чунон офарад, ки иродаи озод надошта ба Ӯ монанди мошин итоат кунем. Аммо Худо моро чунон офарид, ки мо бе ҳеҷ маҷбурият, ихтиёран Ӯро дӯст дошта, ба Ӯ хизмат карда тавонем.

**Гуноҳи одам**

Вақте ки Худо ононеро офарид, ки дорои иродаи озод буда, бо хости Ӯ ё бар хилофи он амал карда метавонанд, Ӯ бешубҳа медонист, ки баъзеи онҳо роҳи нодурустро интихоб мекунанд. Ва айнан ҳамин тавр рӯй дод. Дар осмон фариштаи бузурге зиндагӣ мекард, ки ҳоло ба мо ҳамчун шайтон маълум аст. Ӯ роҳи бадиро интихоб карда, ба Худо рӯйрост муқобилият нишон дод. Худо фавран шайтон ва фариштагони аз пайи ӯ рафтаро аз биҳишт пеш кард. Аз он вақт шайтон бо ҳар роҳ ба иҷро шудани хости Худо халал расондан мехоҳад. Худо одамро бо иродаи озод офаридааст, ва шайтон кӯшиш мекунад одамро водор намояд, ки ба Худо беитоатӣ кунад. Худо Одамро огоҳ карда буд, вале шайтон тавонист ӯро ба гуноҳ водор кунад. Ин ҳодиса дар боби сеюми китоби Ҳастӣ сабт шудааст.

Худо пок буда, Подшоҳи тамоми олам мебошад. Ӯ ҳар як офаридаеро, ки дидаву дониста ба қарор ва қонунҳои Ӯ итоат намекунад, ба ҳузури Худ роҳ намедиҳад. Шайтон хости худро ба хости Худо муқобил гузошт ва маҳз ба ҳамин сабаб Худо ӯро аз осмон пеш кард. Одам низ чунин рафтор карда, аз ҳузури Худо ва боғи Адан ронда шуд.

Ҳар як шахс табиати Одамро мерос гирифтааст. Ҳамаи мо бо майлу ҳавас ба гуноҳ таваллуд мешавем. Мо бо осонӣ гуноҳ содир мекунем ва инро ҳатто омӯхтанамон зарур нест. Вақте ки дар роҳи мо ягон васваса пайдо мешавад, табиати одамии мо худ ба он ҷавоб медиҳад ва мо ба васваса дода шуда, бар зидди Худо гуноҳ содир мекунем.

## Ояндаи одам

Тавре ки Навиштаҳои Пок аз куҷо омадани моро ҳикоят мекунанд, ҳамчунин ошкоро ба куҷо рафта истодани моро мегӯянд. Рӯзе фаро мерасад, ки ҳар яки мо барои доварӣ назди Худо ҳозир мешавем. Худи ҳақиқати фаро расидани марг он қадар воқеӣ аст, ки тобеи марг будани одамро ҳамаи мо медонем. Аммо Навиштаҳои Пок пурра карда мегӯянд: “…ва пас аз он  доварӣ” (Ибриён 9:27). Худо моро офарида, хости Худро ба мо аён кардааст. Бешубҳа ҳар яки мо назди Ӯ барои гуфтору кирдори худ ҷавобгар ҳастем. Дар давоми зиндагӣ мо ба ҳаёти ҷовидонӣ, ки пас аз марг фаро мерасад, тайёрӣ мебинем. Марги мо ба мурдани ҳайвонот монанд нест. Ҷони мо бояд пеши Худо, Офаридгор ва Довари мо равад.

# Саволҳо барои гурӯҳан муҳокима кардан

## Дарси 3 – Одам

1. Барои чӣ Худо одамро офарид? Кадом хусусиятҳои Худо (дар дарси 2 номбаршуда) дар офарида шудани одам аён шудаанд?

2. Одамро ҳамчун офаридае ки аз ҷисм, ҷон ва рӯҳ иборат аст, фаҳмонед.

3. Барои чӣ Худо инсонро бо иродаи озод офаридааст?

4. Дар асоси Ҳастӣ боби 3 гӯед, ки барои ба васваса андохтани Ҳавво шайтон чӣ гуна чораҳоро истифода бурдааст? Барои фаҳмидани табиати гуноҳолуди одам ин чӣ гуна кӯмак мерасонад?

5. Барои фаҳмидани ояндаи худ одам чӣ карда метавонад? Чаро одам назар ба Худои Офаридгор ба эволюсия бештар бовар мекунад?

ДАРСИ ЧОРУМ

# Гуноҳ

Боби сеюми Китоби Ҳастиро хонед

**Гуноҳ чист?**

Дар вақти хондани Навиштаҳои Пок шумо пай мебаред, ки он бисёртар мавзӯи гуноҳ, сабабҳои он ва чораҳои аз он раҳо ёфтанро дар бар мегирад. Аксар вақт мо фикр мекунем, ки гуноҳ ҷиноят ё куштор аст. Аммо мувофиқи Навиштаҳои Пок гуноҳ он чизест, ки ба талаботи Худованд мувофиқат намекунад. Дар Нома ба Румиён 3:23 навишта шудааст: "Ҳама гуноҳ карда аз ҷалоли Худо маҳрум шудаанд". Вақте ки мо дар бораи "ҷалоли Худо" фикр мекунем, тамоман комил будани Худо ба ёдамон мерасад. Мо, ки аз камолот дур ҳастем, гуноҳ содир мекунем.

**Навиштаҳои Пок  дар бораи гуноҳ чунин мегӯянд:**

1. Вайрон кардани шариати Худо ё қонуншиканӣ гуноҳ аст (1Юҳанно 3:4).

2. Саркашӣ ё ба муқобили Худо сар бардоштан гуноҳ аст (Ҳизқиёл 2:3).

3. Ҳар ноинсофӣ гуноҳ мебошад (1Юҳанно 5:17).

4. Зинокорӣ, ё нопокии маънавӣ гуноҳ аст (2Подшоҳон 12:9,13).

5. Нобоварӣ гуноҳ мебошад (Румиён 14:23).

6. Ба ҷо наовардани кори нек гуноҳ аст (Яъқуб 4:17).

7. Фикрҳои нопок ҳамчун кирдори нопок гуноҳ мебошанд (Матто 5:28).

## Гуноҳ аз куҷо пайдо шуд?

Навиштаҳои Пок дар бораи гуноҳи аввалине ки дар осмон рӯй дод, маълумот медиҳанд. Фаришта – "зӯҳраи субҳидам" * ҳавобаланд шуда, бо Худо баробар шудан хост (Ишаъё 14:12-14). Худо ӯро барои ин гуноҳи ҳавобаландӣ аз биҳишт ронд ва ӯ, чӣ тавре ки ӯро Навиштаҳои Пок меноманд, шайтон ва рӯҳи нопок гардид.

Аввалин гуноҳи дар рӯи замин содиршуда дар китоби Ҳастӣ, боби 3 зикр шудааст. Ин ҳодиса дар боғи Адан рӯй дод. Худо ба Одам ва Ҳавво фармуд, ки аз меваи "дарахти маърифати неку бад" нахӯранд (Ҳастӣ 2:16,17). Онҳо ба сухани Ӯ гӯш надода, аз меваи манъшуда чашиданд. Бо ҳамин сабаб онҳо гуноҳкор гардиданд.

## Оқибати гуноҳ чӣ гуна аст?

1. Вақте ки Одам ва Хавво гуноҳ содир карданд, онҳо донистанд, ки луч ҳастанд ва кӯшиш карданд аз Худо пинҳон шаванд (Ҳастӣ 3:7-10).

* Зӯҳраи субҳидам – шайтон дар назар дошта шудааст.

2. Ҷазои гуноҳ марг аст. Ҳамон лаҳзае ки Одам ва Ҳавво ба гуноҳ афтоданд, онҳо рӯҳан мурда гаштанд. Ин маънои онро дорад, ки онҳо аз Худо дур шуданд ва муносибати онҳо бо Парвардигор қатъ гардид. Ҳамчунин аз болои онҳо марги ҷисмонӣ ҳукмрон шуд. Онҳо ҳамон замон намурданд, аммо ба ҷисми онҳо қуввае ворид шуд, ки таъсири нобудкунандаи худро сар карда, дар натиҷа онҳоро ба марг овард.

3. Ҳар як инсон табиати гуноҳолуди Одамро мерос гирифтааст. Ҳар кӯдаке ки аз падару модари гуноҳкор таваллуд шудааст, аз рӯзи таваллуд гуноҳкор мебошад. Писари аввалини Одам қотил шуд. Ҳамаи мо рӯҳан мурда ҳастем ва рӯзе мерасад, ки ҷисман мемирем. Акнун Румиён 5:12-18 -ро бо диққат хонед.
4. Аз барои гуноҳи Одам тамоми офаридаҳо лаънатзада шуданд. Дар замин пайдо шудани хор ва растаниҳои нодаркору заҳролуд аз ҳамин сабаб аст. Китоби Ҳастӣ 3:14-19 ба мо дигар оқибатҳои гуноҳро нишон медиҳад. То он даме ки ҳабсхонаҳо, беморхонаҳо ва гӯристонҳо вуҷуд доранд, ба мо дигар далелҳои ҳузур доштани гуноҳ лозим нест. Ашку нола, дарду ранҷ, мусибат ва марг – ин якчанд мисол аз оқибати гуноҳ аст.

### Ҷазои гуноҳ чӣ гуна аст?

Худо мегӯяд, ки ҷазои гуноҳ марг мебошад. “Сазои гуноҳ марг аст” (Румиён 6:23). Мо аллакай дида баромадем, ки ин марги рӯҳонӣ ва ҷисманиро дар бар мегирад. Ин ҷазо барои одам ҳатмӣ аст. Худо бояд гуноҳро ҷазо диҳад.

То даме ки мо дар гуноҳ зиндагӣ мекунем, мо аз ҷиҳати рӯҳӣ ва ҷисмонӣ мурда ҳастем ва моро марг интизор аст.

Агар мо бо гуноҳҳои худ аз олам гузарем, ба марги абадӣ дохил мешавем. Яъне мо аз Худо ҳамеша ҷудо буда, то абад дар оташи дӯзах месӯзем. Дар китоби Ваҳй 20:14 ин марги дуюм номида мешавад.

## Чӣ тавр аз гуноҳ халос шудан мумкин аст?

Барои он ки мо бо сабаби гуноҳҳои худ ҷазои абадӣ накашем, Худо барои мо чораи шифодиҳанда бахшидааст. Худо ба ҷаҳон Писари ягонаи Худро фиристод, то ки мо аз ин ҳолати ногувор наҷот ёбем. Худованд Исои Масеҳ аз бокира Марям таваллуд шудааст. Падари Ӯ аз қатори одамиён набуд, бинобар ин Ӯ табиати гуноҳолуди Одамро мерос нагирифтааст. Исои Масеҳ ягона инсони бегуноҳ буд. Ӯ барои қонеъ гардонидани талаботи Худои Пок барои гуноҳҳои мо дар салиб мехкӯб шуда, ҷазо дид. Қарзи гуноҳҳои моро Ӯ бо хуни Худ адо кард. Исои Масеҳ ба мо роҳро ба сӯи Худованд кушод. Аз ин сабаб Худо ба онҳое ки худро гуноҳкор ҳисобида ба Исои Масеҳ бовар мекунанд, ҳаёти ҷовидонӣ мебахшад (Мавзӯи бобҳои “Таваллуди нав” ва “Наҷот” ин масъаларо васеътар мефаҳмонанд).

Ба Исо бовар оварда, мо аз ҷазо ва ҳукми гуноҳ наҷот меёбем, яъне ки ҳамаи гуноҳҳои мо (гуноҳҳои гузашта, ҳозира ва оянда) аз ҷониби Худо бахшида мешаванд ва Ӯ моро барои онҳо ҳеҷ гоҳ доварӣ намекунад. Акнун мо қувват дорем, ки на барои лаззати гуноҳ, балки баҳри Худо зиндагӣ кунем.

Вақте ки шумо мавзӯи бахшоиши гуноҳҳоро дида мебароед, бояд дар ёд дошта бошед, ки ду намуди бахшоиш вуҷуд дорад. Бахшоиши якум бахшоиш дар доварӣ (вақте ки Худо назди мо ҳамчун Довар ҳозир мешавад) буда, ба ҷазои гуноҳ вобастагӣ дорад. Намуди

дуюми бахшоиш – бахшоиши падарона (вақте ки Худо назди мо ҳамчун Падар ҳозир мешавад) мебошад. Ин бахшоиш муносибатҳоеро (муносибатҳои хурсандибахш бо Худо) барқарор мекунад, ки бо содир кардани гуноҳ вайрон мешаванд.

Вақте ки мо "гуноҳҳоямон (гуноҳҳои гузашта, ҳозира ва оянда) бахшида шудаанд" мегӯем, бо ин бахшоиши доваронаро дар назар дорем. Яъне ҳар касе ки ба Исои Масеҳ бовар мекунад, ҳеҷ гоҳ барои гуноҳҳояш ҷазо намекашад. Сабабаш дар он аст, ки Исои Масеҳ ба ҷои гуноҳкорон дар салиб ҷазо дид. Ӯ барои гуноҳҳои содиркардаи мо азият дида мурда буд. Ҳамон лаҳзае ки мо Наҷотдиҳандаи ҷаҳонро бо бовар қабул мекунем, гуноҳҳои мо пурра бахшида шуда, мо аз ҷазои онҳо озод мешавем.

Ҳангоми гуноҳ содир кардани бовардор чӣ ҳодиса рӯй медиҳад? Гуноҳ муносибати байни Худо ва бовардор вуҷуд доштаро вайрон карда, онро қатъ мегардонад. Байни Падари осмонӣ ва фарзанди заминии Ӯ муносибатҳои наздику шодиовар қатъ мегарданд ва то он даме ки бовардор дар гуноҳи худ тавба карда, аз он даст накашад, он муносибатҳои қатъгардида барқарор намешаванд. Навиштаҳои Пок мегӯянд, ки агар мо гуноҳҳои худро эътироф кунем, Худо гуноҳҳои моро мебахшад ва моро аз ҳар ноинсофӣ пок мекунад, зеро Ӯ бовафо ва одил аст. (1Юҳанно 1:9). Дар ин ҷо сухан дар бораи бахшоиши падарона меравад. Дар ин ҳолат Худо на ҳамчун Доварест, ки ҷинояткорро мебахшад, балки ҳамчун Падар ба фарзанди Худ бахшоиш медиҳад.

# Саволҳо барои гурӯҳан муҳокима кардан

## <u>Дарси 4 – Гуноҳ</u>

1. Чаро дар Навиштаи Пок “ҳама одамон гуноҳ кардаанд” гуфта шудааст? Барои чӣ одамон шарҳи Худоро оиди вуҷуд доштани гуноҳ қабул намекунанд.

2. Одам, Ҳавво ва шайтон чӣ умумият доштанд? Фикри худатонро баён кунед.

3. Фарз мекунем, ки касе “ҳамаи кӯдакон ба ин дунё мисли Одам (ҳангоми офарида шуданаш) бегуноҳ таваллуд мешаванд ва то он даме ки назди Худо саркашӣ накунанд, гуноҳкор нестанд”, – мегӯяд. Ба фикри шумо, оё ин фикр дуруст аст ва ба таълимоти Навиштаҳои Пок рост меояд?

4. Исои Масеҳ музди гуноҳҳои одамиро чӣ тавр адо кардааст? Барои чӣ Ӯ инро карда тавонист?

5. Бовардоре ки муносибатҳояш бо Худо вайрон шудаанд, чӣ гуна ҳиссиётро аз сар мегузаронад? Забур 31, ё ин ки 1Юҳанно 1:9 дар ин ҳолат чӣ гуна кӯмак расонда метавонанд?

ДАРСИ ПАНҶУМ

# Наҷотдиҳанда – Исои Масеҳ

Ин дарс ба Худованд Исои Масеҳ бахшида шудааст. Ӯ дар Навиштаҳои Пок ҷои марказиро ишғол мекунад. Мо дар бораи моҳияти Илоҳии Ӯ, дар ҷисми одамӣ ба замин омадани ӯ, хизмат ва меҳнати Ӯ маълумот пайдо мекунем.

## Моҳияти Илоҳии Ӯ

Худи ин мафҳум "моҳияти илоҳии Масеҳ" – Худо будани Исои Масеҳро мефаҳмонад. Навиштаҳои Пок аниқ таълим медиҳанд, ки Исои Масеҳ Худост:

1. *Ҳангоми нақли ҳаёти Исои Масеҳ калимаҳое истифода шудаанд, ки нисбат ба Худо истифода мешаванд.*

   **а.** *Ӯ ҷовидон аст.* Исои Масеҳ ибтидо надорад (Юҳанно 17: 5; 8:58).

   **б.** *Ӯ дар ҳама ҷо ҳузур дорад.* Исои Масеҳ дар ҳама ҷо бо хизматгузорони Худ мебошад (Матто 28:20).

   **в.** *Ӯ тавонову қодир аст.* Исои Масеҳ дорои тамоми кудрат ва тавоной мебошад (Матто 28:18; Ваҳй 1:8).

   **г.** *Ӯ ҳама чизро медонад.* Исои Масеҳ ҳама чизро медонад (Юҳанно 21:17).

**д.** *Ӯ тағйирнашаванда аст.* Исои Масеҳ дар гузашта, ҳозира ва то абад Ҳамон аст ва дигар намешавад (Ибриён 13:8).

2. *Исои Масеҳ ҳамон меҳнатеро мекунад, ки онро Худо ба ҷо меоварад.*
   **а.** Исои Масеҳ ҳамаро офаридааст (Юҳанно 1:3).
   **б.** Исои Масеҳ тартиби тамоми оламро назорат мекунад (Қӯласиён 1:17).
   **в.** Исои Масеҳ аз мурдагон бархост (Юҳанно 2:19,22).

3. *Ба Исои Масеҳ ҳамон номе дода мешавад, ки Худо низ дорад. Ӯ Худо номида мешавад.*

   **а.** Худо-Падар дар бораи Писари Худ ҳамчун Худо мегуфт (Ибриён 1:8).

   **б.** Мардум Исои Масеҳро Худо меномиданд. Вақте ки онҳо ба Исо саҷда мекарданд, Ӯ ба саҷдаи онҳо монеъ намешуд (Юҳанно 20:28).

   **в.** Рӯҳҳои нопок Исои Масеҳро чун Худо эътироф мекарданд (Маркӯс 1:24).

   **г.** Исои Масеҳ мегуфт, ки Ӯ Худост (Юҳанно 10:30).

## Таҷассум шудани Ӯ

Таҷассумёбии Исои Масеҳ онро мефаҳмонад, ки Ӯ Худо буда, ба ин дунё дар ҷисми одамӣ омадааст.

1. *Омадани Исои Масеҳ дар "Паймони Куҳан" пешгӯӣ шуда буд.* Тақрибан 700 сол пеш аз омадани Ӯ Навиштаҳои Пок ин воқеаро пешгӯӣ кардаанд (Ишаъё 7:14).

2. *Зода шудани Худованд Исои Масеҳ дар Навиштаҷот сабт шудааст.*
   Зодашавии Ӯ аз зодашавии инсонӣ фарқ мекард.
   **а.** Исои Масеҳ бо қудрати Худо аз Рӯҳи Пок зода шуда буд (Луқо 1:35).

   **б.** Исои Масеҳ аз бокира зода шуд (Матто 1:23). Падари Вай одам набуд.
   **в.** Аммо Ӯ инсони воқеӣ буда, ҳамчун одам дорои ҷисм (Ибриён 10:5), ҷон (Матто 26:38) ва рӯҳ (Луқо 23:46) буд.

3. *Дар симои одамӣ омадани Исои Масеҳ се сабаб дорад.*
   **а.** Исои Масеҳ ба одамон Худо-Падарро зоҳир кард (Юҳанно 14:9).

   **б.** Исои Масеҳ барои он омад, ки ҷони Худро барои мо қурбон карда, гуноҳро шикаст диҳад (Ибриён 9:26).

   **в.** Исои Масеҳ барои вайрон кардани кирдори шайтон омад (1Юҳанно 3:8).

**ДИҚҚАТИ МАХСУС ДИҲЕД**: Яке аз ҳақиқатҳои асосие ки масеҳиён ба он бовар мекунанд, он аст, ки Исои Масеҳ Худои ҳақиқӣ буда, ба ин ҷаҳон ба воситаи зодашавии ғайриоддӣ, ҳамчун одам омадааст. Ҳамчун инсон Ӯ комил ва бегуноҳ буд.

**Меҳнати Ӯ**

Мо бо воқеаҳое ки ба марг, зинда шудан ва ба осмон боло рафтани Худованд Исои Масеҳ дахл доранд, шинос мешавем.

1. *Марги Исои Масеҳ*

**а.** Исои Масеҳ бояд мемурд (Юҳанно 3:14). Ин қисми нақшаи наҷоти Худованд буд (Ибриён 10:7). Ин иҷрошавии пешгӯиҳои Паймони Куҳан буд (Ишаъё 53:5). Марги Ӯ барои наҷоти мо шарти зарур буд (Эфсӯсиён 1:7).

**б.** Ӯ ҷои одамонро гирифта, ба ҷои мо қурбон шуд (1Қӯринтиён 15:3).

**в.** Марги Исои Масеҳ талаботи Худовандро пурра қонеъ гардонид. Ӯ ҷазои Худоро бар гуноҳ пурра аз сар гузаронид. Марги Ӯ ҳама мӯҳтоҷиҳои моро қонеъ гардонида метавонад, зеро ин марги Шахсияти Илоҳӣ буд. Аз ҳамин сабаб он арзиши худро ҳеҷ гоҳ гум намекунад.

2. *Зинда шудани Исои Масеҳ*

**а.** Исои Масеҳ бояд аз мурдагон зинда мешуд. Зинда шудани Ӯ иҷрошавии пешгӯӣ буда, натиҷаи меҳнати дар салиб кардаи Ӯ (марги Ӯ барои гуноҳҳои мо) мебошад (Румиён 4:25). Исои Масеҳ дубора зинда шуд ва ин имкон дод, ки Ӯ дар назди Падар Ҳимояттгари мо шавад.

**б.** Исо ҷисман аз мурдагон зинда шуд (Луқо 24:39). Ин на рӯҳ, балки ҳамон бадани Ӯ буд, ки мехкӯб карда шуда, захмҳои меху найзаро дар худ дошт (Юҳанно 20:27). Бо вуҷуди он тани Исо дигаргун шуда, аз бадани мо фарқ

мекард. Масалан он ба Исо имкон медод, ки аз миёни девор гузарад, ки инро албатта, одамон карда наметавонанд (Юҳанно 20:19).

**в.** Пас аз зинда шуданаш Исои Масеҳ ба баъзе пайравони Худ камаш даҳ бор зоҳир гардидааст. Бештар аз панҷсад нафар касоне ки шоистаи боварӣ буданд, Исои Масеҳро пас аз зинда шуданаш диданд (1Қӯринтиён 15:6).

**г.** Зинда шудани Исои Масеҳ маънои хеле муҳим дорад. Агар Ӯ зинда намешуд, бовар дигар даркор набуда, одамон барои гуноҳҳои худ то абад ҷазо мебурданд (1Қӯринтиён 15:17).

3. *Ба осмон боло рафтани Исои Масеҳ*

**а.** Пас аз анҷом додани меҳнати Худ дар рӯи замин, Исои Масеҳ ба осмон боло бурда шуд (Марқӯс 16:19; Аъмоли Ҳавворион 1:9).

**б.** Исои Масеҳ ба осмон барои қабул кардани Подшоҳии Худ боло рафт (Юҳанно 17:5). Ӯ меҳнати Худро дар осмон давом дода истодааст (Ибриён 7:25).

**Хизмати Ӯ**

Навиштаҳои Пок Исои Масеҳро ҳамчун Пайғамбар, Коҳин ва Шоҳ муаррифӣ мекунанд.

1. *Ҳамчун Пайғамбар* Исо ба мо Худоро зоҳир карда, суханони Ӯро мерасонад (Юҳанно 1:18).

2. *Ҳамчун Коҳин* Исо дар ҳузури Худо – Падар истода, бовардоронро ҳимоят мекунад (Ибриён 4:14 – 16).

3. *Ҳамчун Шоҳ* Исо дар дилҳои онҳое ки ба Ӯ вафодоранд, зиндагӣ мекунад: Дар оянда Ӯ ҳазор сол дар замин ҳукмронӣ мекунад. Таронаи 71-уми Забур ҳукмронии Исоро дар рӯи замин тасвир мекунад.

## Саволҳо барои гурӯҳан муҳокима кардан

### <u>Дарси 5: Наҷотдиҳанда – Исои Масеҳ</u>

1. Бо кадом восита Навиштаҳои Пок Исои Масеҳро ҳамчун Худо тасвир мекунанд?

2. Чӣ тавр Исои Масеҳ ба замин дар ҷисми одамӣ омадааст? Монандӣ ва фарқи Ӯ аз одамон дар чӣ аст?

3. "Дигар динҳо сӯи Худо роҳҳои худро доранд" – ба тарафдорони ин ақида Исо чӣ гуна ҷавоб медод? Ҷавоби шумо бо Юҳанно 14:6 чӣ гуна алоқа дорад.

4. Зинда шудани Исои Масеҳ чӣ аҳамият дорад?

5. Мувофиқи Ибриён 4:14-16 Исои Масеҳ назди Худо ҳамчун Саркоҳини мо ҳузур дорад. Ин меҳнати Исои Масеҳ дар ҳаёти шумо чӣ аҳамият дорад?

ДАРСИ ШАШУМ

# Таваллуди нав

Инҷили Юҳанно 3:1 – 21-ро хонед.

## Сарсухан

Шумо дар боби сеюми Инҷили Юҳанно дар бораи сӯҳбати Исо бо шахси диндори олиҳиммат бо номи Никӯдимус хондед. Исо ба ӯ гуфт, ки барои дидани Подшоҳии Худованд ва вориди он шудан, аз олами боло зода шудан лозим аст (оятҳои 3 то 5). Ҳамчунин барои ҳар яки мо ин шарти зарурӣ мебошад (ояти 7).

Зодашавии нав, ё ин ки таваллуд аз олами боло чист?

Бисёр одамон оиди зодашавии нав маълумоти нодуруст доранд, ё ҳеҷ чизро намедонанд. Нигаред Юҳанно 1:12,13.

1. *Зодашавии нав бо таваллуди табиӣ (ҷисмонӣ) ягон умумият надорад.* Он “аз ҷисму хун” нест. Агар падару модари шумо бовардор бошанд ҳам, ин бовардор будани шуморо ифода намекунад.

2. *Таваллуди нав бо хоҳиши худ ва вуҷуд намеояд.* Он бо “хоҳиши ҷисм” ягон умумият надорад. Кӯдак бо хоҳиши худ ба ин дунё таваллуд шуда наметавонад. Мо низ ҳамчунин бо кӯшиши худ аз олами боло таваллуд шуда наметавонем.

3. *Таваллуди нав бо амали инсонӣ ба вуҷуд намеояд.* Он ба “хоҳиши мард” вобаста нест. Ҳеҷ як маросими динӣ ва ҳеҷ як инсон, новобаста ба мақоми баланди рӯҳонӣ, ба одам зодашавии нав дода наметавонанд.

4. *Таваллуди нав бо дигаргуншавии ҷисмонӣ ягон хел умумият надорад.* Никӯдимус инро намефаҳмид, аммо Исои Масеҳ ба ӯ фаҳмонд, ки таваллуди нав рӯҳан тағйир ёфтан аст (оятҳои 4 то 6).

5. *Зодашавии нав тағйироти иҷтимоӣ ё ҷуғрофӣ нест.* Вақте ки одам аз олами боло зода мешавад, Худо ба ӯ ҳамон дам ҳаёти ҷовидон мебахшад. Ӯ ҳаёти худро дар замин мувофиқи хости Худо ва Наҷоткори худ давом медиҳад (Қӯринтиён 7:20- 24; Қӯлассиён 3:22-24).

6. *Зодашавии нав – танҳо дар бораи он маълумот пайдо кардан нест.* Одам метавонад соҳиби маълумоти динӣ шавад ва ҳатто таълим диҳад, аммо аз олами боло зода нашуда бошад. Мо метавонем зарурати зодашавии навро донем, аммо дар ҳаёти худ онро аз сар нагузаронем.

7. *Зодашавии нав – раванди тараққӣ ва дигаргуншавӣ нест.* Мо наметавонем ҳаёти рӯҳиро бо раванди тараққӣ инкишоф диҳем. Гуноҳкорон рӯҳан мурда мебошанд (Эфсӯсиён 2:2). Агар ҳаёт вуҷуд надошта бошад, албатта он инкишоф ёфта наметавонад.

8. *Зодашавии нав худтакмилдиҳӣ нест.* Ин на танҳо халос шудан аз одатҳои бад, ё тағйирёбии тарзи ҳаёт, балки дигаргуниест, ки дар даруни мо ба вуҷуд меояд.

9. *Таваллуди нав – ақидаи динӣ нест.* Мо метавонем дар ақидаи динии худ самимӣ бошем, ғӯта гирифта аъзои ҷамоат шавем ва дар маросими "ёдоварӣ" иштирок намоем, аммо зодашавии нав надошта бошем. Мо метавонем дар мактаби динии кӯдакона таълим дода, дар ҷамоат хизмат ба ҷо оварем ва ҳатто аз Навиштаҳои Пок таълим диҳем ва бо вуҷуди ин зодашавии нав надошта бошем. Худованд Исои Масеҳ бо яке аз шахсони диндор, самимӣ ва хушахлоқи он замон сӯҳбат карда таъкид намуд, ки вай бояд аз олами боло зода шавад.

10. Зодашавии нав – дигаргунии рӯҳӣ аст (оятҳои 6 то 8). Танҳо Худо қудрат дорад, ки ин дигаргуниро дар ҳаёти мо ба вуҷуд оварад (Юҳанно 1:13).

**Барои чӣ одам бояд аз олами боло зода шавад?**

Исо гуфта буд, ки: "тааҷҷуб накун" (ояти 7). Аз олами боло зода шудани мо зарур аст ва мо бояд аз ин ҳайрон нашавем, зеро ин талабот мантиқӣ ва асоснок аст.

1. *Мо бояд аз олами боло таваллуд шавем, чунки бе таваллуди нав мо табиати рӯҳонӣ надорем* (ояти 6). Худи калимаи "ҷисм" табиати гуноҳолудеро мефаҳмонад, ки мо бо он таваллуд мешавем. Вақте ки Одам гуноҳ содир кард, табиати ӯ олудаи гуноҳ шуд ва ҳар касе ки ба ин дунё зода мешавад, ин табиати гуноҳолудро мерос мегирад. Нигаред ба Румиён 5:12,18,19; Забур 50:7.
   Дар Румиён 8:5-8 моҳияти ин табиати гуноҳолуд, ки "ҷисм" номида мешавад, тасвир ёфтааст. Ин табиат дар "ҳолати душманӣ ба муқобили Худо воқеъ буда, ба қонунҳои Худо итоат карда наметавонад", бинобар ин ба Худо писанд омада наметавонад. Табиатан мо он чизеро, ки аз Худо аст, фаҳмида қимати онро қадр карда

наметавонем. Мо ҳатто ба он хоҳиш пайдо карда наметавонем. Нигаред ба 1Қӯринтиён 2:14.

Мо метавонем "ҷисм"-и худро машқ дода, онро мукаммал гардонем, аммо табиату моҳияти дарунии онро дигаргун карда наметавонем. Он бар зидди Худо муқобилат накарда наметавонад ва ҳеҷ гоҳ ба Худо писанд намеояд. "Он чӣ аз ҷисм таваллуд меёбад, ҷисм аст".

Таваллуди нав ба мо табиати нав, рӯҳонӣ, яъне табиати Илоҳӣ медиҳад. Танҳо дар он вақте ки мо соҳиби ин табиати нав мешавем, мо он чизеро, ки аз Худост, фаҳмида, дар он хурсандиву тасалло меёбем.

2. *Мо бояд аз олами боло зода шавем, зеро ки бе зодашавии нав мо Подшоҳии Худоро дида ва вориди он шуда наметавонем.* Нигаред оятҳои 3 то 5. "Подшоҳии Худо" чиро мефаҳмонад. Ин мафҳум ҳамчун таассуроти рӯҳонӣ тасвир шудааст: "Зеро ки Подшоҳии Худо аз хӯрдан ва пӯшидан иборат нест, балки адолат, сулҳу осоиштагӣ ва шодмонӣ дар Рӯҳи Муқаддас ( Пок) аст" (Румиён 14:17).

Ду хел подшоҳӣ ҳаст: яке "подшоҳии одамӣ" аст ва дигаре подшоҳии Худо. Яке "ҷисм" ва дигаре "Рӯҳ" номида мешавад. Ба воситаи зодашавии ҷисмонӣ ҳамаи мо ба "подшоҳии одамӣ" дохил мешавем. Мо табиати ҷисмониро қабул карда, як қисми ин подшоҳӣ мешавем ва дар он зиндагӣ мекунем. Лекин чӣ тавр мо Подшоҳии Худоро дида вориди он шуда метавонем. Ҷавоби ин савол комилан аниқ аст. Мо бояд соҳиби зодашавии нав, зодашавии рӯҳонӣ шавем, ки моро ба ин подшоҳии нав оварда мерасонад. Ба воситаи ин зодашавии нав мо соҳиби табиати рӯҳонӣ мешавем. Ин зодашавии нав ба мо қобилият медиҳад, ки ҳақиқатҳои рӯҳонии Подшоҳии Худоро қадр карда, аз онҳо ҳаловат барем. Шумо шояд пай бурдаед, ки "зодашавии рӯҳонӣ" ва "зодашавӣ аз

олами боло” як чизро мефаҳмонанд. Ин нишон медиҳад, ки зодашавии нав аз куҷо рух медиҳад. Зодашавии ҷисмонӣ – аз *одам* ва дар *замин* рӯй медиҳад. Зодашавии рӯҳонӣ бошад, аз ҷониби *Худо,* аз *осмон* ба вуҷуд меояд.

Акнун Румиён 8:9-ро хонед. Худо мебинад, ки ин одамон “на бо хости ҷисм”, балки “бо хости Рӯҳ” зиндагӣ мекунанд. Ба кадом тариқ онҳо аз як подшоҳӣ ба пошоҳии дигар гузаштанд? Инро дар онҳо Рӯҳи Худо ба вуҷуд овард, ҳангоме ки онҳо Исои Масеҳро ҳамчун Наҷотдиҳандаи худ қабул карданд.

3. *Мо бояд аз олами боло зода шавем, зеро ки бе зодашавии нав мо дар худ ҳаёти рӯҳонӣ дошта наметавонем.* Табиатан мо “ба сабаби хатоҳо ва гуноҳҳои худ мурда”, “аз ҳаёти Худо бегона“, “ҳаёт надошта” ҳастем. Нигаред ба Эфсӯсиён 2:1,2; 4:18; 1Юҳанно 5:11,12. Ҷисм бе ҳаёти табиӣ табиатан мурда аст. Ҳамчунин одаме ки ҳаёти рӯҳонӣ надорад, рӯҳан мурда аст. Марг ҷудоиро ифода мекунад. Агар мо аз Исои Масеҳ, ки ҳаёти ҷовидон дорад, ҷудо бошем, мо дар ҳолати марги рӯҳонӣ қарор гирифтаем (Юҳанно 1:4). Агар мо рӯҳан мурда бошем, чӣ тавр метавонем соҳиби ҳаёти рӯҳонӣ шавем? Худи Исо ба ин савол ҷавоб медиҳад. Ба Юҳанно 5:24, 25 назар кунед. Агар мо ба Писари Худо гӯш дода, Сухани Ӯро қабул кунем ва Ӯро ҳамчун Наҷотдиҳандаи худ эътироф намоем, ба мо ҳаёти рӯҳонӣ бахшида мешавад ва мо соҳиби зодашавии нав мегардем. Нигаред ба Юҳанно 3:16; 6:47; 10:26-28; 1Юҳанно 5:13 .

# Саволҳо барои гурӯҳан муҳокима кардан

## <u>Дарси 6 – Зодашавии нав</u>

1. Оё шумо ба чӣ дахл доштан ё надоштани таваллуди навро дар асоси Навиштаҳои Пок фаҳмонда метавонед? Дар кадом ҳолат "зодашавӣ аз олами боло" нодуруст фаҳмида ва истифода бурда мешавад?

2. Дар ҳаёти инсоне ки аз нав зода шудааст, чиро мушоҳида кардан мумкин аст?

3. Барои чӣ бе зодашавии нав он чизеро, ки аз Худост, фаҳмидан мумкин нест? (Румиён 8:5,6).

4. Байни "подшоҳии одамӣ" ва "Подшоҳии Худо" чӣ фарқият ҳаст?

5. Марги ҷисмонӣ аз марги рӯҳонӣ бо чӣ фарқ мекунад?

ДАРСИ ҲАФТУМ

# Зодашавии нав (давомаш)

### Чӣ тавр мо метавонем аз олами боло зода шавем?

Исои Масеҳ чӣ тавр аз олами боло зода шуданро ба мо фаҳмонд. Ин зодашавӣ аз се ҷиҳат иборат аст.

1. *Мо ба Навиштаҳои Пок бовар карда аз олами боло зода мешавем* (Юҳанно 3:5). Дар Навиштаҳои Пок об рамзи хеле маълуми Сухани Худо мебошад. Нигаред ба Эфсӯсиён 5:26; Юҳанно 15:3; Забур 118:9. Дар ҷойҳои мазкур калимаи "об" на ба ғӯтаи обӣ, балки ба Сухани Худо нисбат дорад. Аз дигар оятҳои Навиштаҷот аниқ маълум мешавад, ки зодашавии нав аз Сухани Худо ба вуҷуд меояд. Нигаред ба 1Петрус 1:23-25; Яъқуб 1:18. Вақте ки мо Навиштаҳои Покро мехонем, Он ақли моро аз фикрҳои нодуруст ва мафҳумҳои ғалат оиди Худо ва наҷоти Ӯ тоза мекунад. Навиштаҳои Пок кӯмак мерасонанд, ки мо ҳолати марговари худро фаҳмем (Румиён 3:10-19). Ҳамчунин Он хабар медиҳад, ки Худованд моро дӯст медорад ва барои мо наҷот пешбинӣ кардааст (Юҳанно 3:16). Он барои ба даст овардани наҷот ба мо роҳ нишон медиҳад (Румиён 10:1-17).

2. *Мо аз Рӯҳи Худо, ки бояд дар мо зиндагӣ кунад, аз нав зода мешавем* (Юҳанно 3:5). Вақте ки Исо ба осмон боло рафт, Рӯҳи Покро фиристод. Рӯҳи Пок гуноҳҳои одамонро ошкор мекунад ва мадад мерасонад, ки онҳо ба Исо таваккал кунанд. Рӯҳи Пок барои фаҳмидани ҳақиқатҳои

рӯҳонӣ ба ҳар як бовардор табиати нави Илоҳӣ медиҳад. Ӯ касонеро, ки аз олами боло зода шудаанд, роҳнамоӣ мекунад. Нигаред ба Юҳанно 16:7-15; 2Петрус 1:3,4; Ғалотиён 5:22-26.

Вақте ки мо Навиштаҳои Покро мехонем, Рӯҳи Пок ҳолати моро ошкор карда, ҳақиқатро ба дилҳои мо мекушояд. Ӯ нишон медиҳад, ки ҳамчун гуноҳкорон мо нобудшудаву айбдор, дармондаву ноумед ҳастем. Баъд Рӯҳи Пок аз Навиштаҳои Пок ба мо ҳақиқати дигареро мекушояд. Ӯ нишон медиҳад, ки ба Исои Масеҳ бовар карда, мо метавонем наҷот пайдо кунем, зеро Наҷотдиҳанда барои гуноҳҳои мо қурбон шуда, моро бо Худо оштӣ кунонд. Ҳангоме ки мо худро ба Исои Масеҳ месупорем, Рӯҳи Пок ба вуҷуди мо дохил мешавад. Ҳузури Ӯ дар мо моро ҳамчун бандагони Исо қайд мекунад, чунки Исо моро бо қимати Ҷони Худ харид (Эфсӯсиён 1:13; 4:30).

Бовар ё таваккал ба ҳиссиёти мо ҳеҷ алоқа надорад – ин ҳақиқат аст. Мо зодашавии навро ҳис намекунем.

3. *Мо ба Исои Масеҳ, ки ҷои моро гирифта барои гуноҳҳои мо қурбон шуда буд, боварӣ карда аз олами боло зода мешавем.* Нигаред ба Юҳанно 3:14-16. Исо чӣ тавр соҳиби ҳаёти нав шудани гуноҳкоронро аниқ нишон дод. Никӯдимус пурсид: "Чӣ тавр мумкин аст, ки чунин шавад?" Исои Масеҳ аз гуфтаҳои дар Паймони Куҳан сабтшуда истифода бурда, чӣ тавр аз олами боло зода шуданро фаҳмонд. Акнун Китоби Ададҳо 21:4 – 9-ро хонед. Биёед ҳафт пункти муҳимтарини ин мисолро дида мебароем. Ба ин мисол диққати махсус диҳед, зеро ки ин *тавзеҳоти Худи Исои Масеҳ* оиди аз нав зода шудани гуноҳкорон аст.

**а.** *Гунох̣* (Ададҳо 21:5). Монанди халқи Исроил ҳамаи мо дар афкор, гуфтор ва кирдор муқобили Худо гуноҳ кардаем (Румиён 3:23).

**б.** *Доварӣ* (Ададҳо 21:6). Ҳамчунин ҳамаи мо барои гуноҳҳои худ сазовори ҷазои Худо гардидаем. Худо ғазаб карда ҳар гуна гуноҳро ҷазо дод. Нигаред ба Румиён 1:18; 6:23.

**в.** *Тавба* (ояти 7). Халқи Исроил гуноҳи худро дарк мекард. Он дар гуноҳаш тавба карда, барои бахшоиш ба Худо муроҷиат кард. Мардум тавбаю зорӣ карданд. Тавба фикри одамро дигаргун карда, рафтору кирдори касро тағйир медиҳад. Худо ба гуноҳкорон амр мефармояд, ки онҳо тавба кунанд. Нигаред ба *Луқо* 13:3; Аъмоли Ҳаввориён 17:30,31; 20:21; Марқӯс 1:15;

**г.** *Ваҳй* (ояти 8). "Ва Худованд гуфт". Худо ба Мусо роҳи наҷоти моргазидагонро нишон дод. Худо ба мо дар Навиштаҳои Пок нақшаи наҷоти худро аён кардааст (2Тимотиюс 3:15-17; Румиён 10:8,9).

**д.** *Ғамхорӣ* (оятҳои 8 ва 9). Мусо мори мисине сохт ва онро бар чӯб овехта боло бардошт, то ҳама онро дида тавонанд. Инро бо Юҳанно 3:14 муқоиса кунед. Тавре ки Мусо мори мисинро бар чӯб овехта боло бардошт, ҳамчунин Исои Масеҳ бар салиб мехкӯб карда шуд, то ин ки одамони дар гуноҳҳои худ нобудшудаистода бо боварӣ ба Ӯ нигоҳ карда, наҷот ёбанд. Дар салиб Наҷотдиҳанда ҷои моро иваз карда, ҷазои гуноҳҳои моро ба Худ гирифт. Исои Масеҳ талаботи Худоро нисбат ба гуноҳкорон қонеъ гардонида, ба ҷои онҳо мурд. Худо нишон дод, ки қурбонии Наҷотдиҳандаро қабул намуд ва бар шаҳодати

ин Ӯро аз мурдагон зинда кард. Нигаред ба Ишаъё 53:5,6; 1Қӯринтиён 15:1- 4; Румиён 5:7,8.

**е.** *Шарт* (ояти 8). "Агар ба он нигоҳ кунад". Мори мисин дар бошишгоҳ бардошта шуда буд, аммо ин онҳоро наҷот надод. Ҳар як моргазида барои зинда мондан бояд ба он нигоҳ мекард. Исои Масеҳ барои гуноҳҳои мо мурда, барои наҷоти мо меҳнати комилро анҷом дод. Аммо ин худ аз худ ҳеҷ як гуноҳкорро наҷот дода наметавонад, агар гуноҳкор шахсан ба Исо рӯ наоварад. Мо бояд ба Исои Масеҳ ҳамчун ба Наҷоткори худ таваккал намоем.

Наҷоткор маҳз ҳаминро дар назар дошт, ҳангоме гуфт: "То ҳар ки ба Ӯ имон (бовар) оварад…ҳаёти ҷовидонӣ ёбад" (Юҳанно 3:16).

Мусо ба моргазидагон нагуфт, ки барои шифо ёфтану нигоҳ доштани ҷони худ дуо хонанд ё корҳои нек ба ҷо оваранд, ё худ пул диҳанд. Гуноҳкор бояд танҳо як корро кунад – нигоҳи худро бардошта зиндагӣ кунад – ӯ бояд эҳтиёҷи худро дида, комилан ба Исои Масеҳ, ки барои ӯ ҷон додааст, таваккал кунад. Ӯ метавонад Исои Масеҳро ҳамчун Наҷоткори худ бо боварӣ қабул кунад. Нигаред ба Юҳанно 1:12; Аъмоли Ҳаввориён 13:38,39; Эфсӯсиён 2:8,9.

ж. *Натиҷа* (ояти 9). “Зинда мемонд”. Бе ягон шубҳа, ҳар як моргазидаро марг интизор буд. Аммо вақте ки ба мори мисин нигоҳ мекард, зинда мемонд. Ӯ соҳиби ҳаёти нав мешуд, гӯё дубора зода мешуд. Инчунин гуноҳкори айбдор метавонад ба хушхабаре ки Исои Масеҳ барои гуноҳҳои ӯ мурдааст, бовар кунад. Ҳангоме ки ӯ Исоро ҳамчун Наҷоткори худ аз самими дил қабул мекунад, ӯ соҳиби ҳаёти рӯҳонӣ ва ҷовидон мегардад. Рӯҳи Пок дар дили вай сокин шуда, ба ӯ табиати нав мебахшад. Инак ӯ аз олами боло зода мешавад. Ин ҳамон зодашавии навест, ки онро Масеҳ барои дидани Подшоҳии Худо ва вориди он шудан шарти муҳим меномад.

## Кай мо метавонем аз олами боло зода шавем?

Мо аз олами боло дар ҳар вақт зода шуда метавонем. Ҳангоме ки гуноҳкор нигоҳашро сӯи Исои Масеҳ равона карда, ба Ӯ ҳамчун ба Наҷоткори худ таваккал мекунад, ӯ аз олами боло зода мешавад. Шумо метавонед инро худи ҳозир дар ҷое ки ҳастед, амалӣ гардонед. Бо кӯшишҳои худ наҷот ёфтанро бас кунед. Бо боварӣ ба Худо – Писар таваккал кунед, зеро ки Ӯ барои мо қурбон шуда, моро наҷот додааст. Нигаред ба 2Қӯринтиён 6:1,2; Ибриён 4:7.

# Саволҳо барои гурӯҳан муҳокима кардан

## <u>Дарси 7 – Зодашавии нав</u>

1. Барои аз олами боло зода шудан Навиштаҳои Пок чӣ аҳамият доранд?

2. Исои Масеҳ гуфтааст: “Кас агар аз об ва Рӯҳ таваллуд нашавад, ба Подшоҳии Худо дохил шуда наметавонад”. Дар ин порча калимаи “об” чӣ маъно дорад?

3. Рӯҳи Пок дар ҳаёти он касоне ки аз олами боло зода шудаанд, чи гуна амал мекунад? Оё мо он чизеро, ки аз Худост, бе Рӯҳи Пок фаҳмида метавонем?

4. Оё байни ҳиссиёт ва донистани он ки шумо наҷот ёфтаед, фарқият вуҷуд дорад?

5. Оё шумо дар ҳаёти худ зодашавии навро аз сар гузаронидаед? Аз таассуроти худ оиди бовар кардан ба Исои Масеҳ ба ҳамгурӯҳони худ нақл кунед.

ДАРСИ ҲАШТУМ

# Наҷот

Мавзӯи наҷот бо мавзӯи зодашавии нав алоқаи зич дорад. "Зодашавии нав" ба мо сарчашма ва табиати ҳаёти рӯҳониро, ки ба он ҳамаи одамон мӯҳтоҷанд, мефаҳмонад. "Наҷот" бошад натиҷаҳои наҷот ва он чизҳоеро, ки мо дар Исои Масеҳ дошта метавонем, мефаҳмонад. Мо ҳафт масъалаеро, ки ба наҷот тааллуқ доранд, дида мебароем.

## Маънои наҷот

Калимаи "наҷот" аз ягон чиз раҳоӣ ёфтанро мефаҳмонад. Ин калима ҳангоми аз хатар халос шудани инсон истифода бурда мешавад. Масалан: наҷот ёфтан аз хонаи сӯхтаистода, аз тӯфони об, аз киштии ғарқшудаистода ва ғайра. Дар ҳар як ҳодисаи алоҳида се ҷиҳати муҳими онро фарқ кардан лозим аст.

1. Одаме ки ба наҷот эҳтиёҷ дорад, дар хатари марговар қарор дорад.

1. Касе ҳолати хатарноки каси дигарро дида, ба ӯ мадад мерасонад.

3. Кӯшиши наҷоткор бо муваффақият анҷом меёбад ва ӯ шахсеро аз хатар наҷот медиҳад. Дар Навиштаҳои Пок калимаҳои "наҷот додан", "наҷотёфта", "Наҷоткор" ва

“наҷот” бисёр истифода мешаванд. Ин калимаҳо дар истифодаи оддӣ ва ҳам рӯҳонӣ як чизро мефаҳмонанд.

**Эҳтиёҷ ба наҷот**

Мо бо ду сабаб мӯҳтоҷи наҷоти Худоем.

1. *Мо соҳиби табиати гуноҳолуд ҳастем.* Дар дарси шашум мо ҳолати рӯҳонии худро ҳангоми ба ин дунё зода шудан дида баромадем. Бо таваллуди ҷисмонӣ мо табиати гуноҳолудро мерос гирифта, ба ҳамин тариқ гуноҳкор мешавем. Ин табиати гуноҳолуд дар мо афкор, кирдор ва гуфтори бадро ба вуҷуд оварда, моро ба муқобили Худо мешӯронад. Навиштаҳои Пок дар ин бора аниқу равшан мегӯянд. Румиён 5:12,18,19; 6:16; 8:5-8; Ҳастӣ; 6:5; Эфсӯсиён 2:1-3; 2Қӯринтиён 4:3,4; Ишаъё 53:6; Ирмиё 17:9; Марқӯс 7:20- 23; Румиён 1:21-32; 3:19-23-ро хонед.

   Ин оятҳо аниқ нишон медиҳанд, ки мо аз кӯдакӣ ба гуноҳ майлу хоҳиш дошта, гуноҳкор ҳастем ва ба наҷот мӯҳтоҷем. Мо гумроҳшуда буда эҳтиёҷ дорем, ки моро ёбанд; моро ҷазои доварӣ интизор асту мо ба раҳоӣ мӯҳтоҷем. Мо айбдорему ба мо бахшоиш лозим аст; мо рӯҳан мурда буда, ба ҳаёти ҷовидон мӯҳтоҷем. Мо кӯрему ба бино шудан мӯҳтоҷем, ғуломему ба озодӣ эҳтиёҷ дорем. Мо нотавонему худро наҷот дода наметавонем.

2. *Худо одил аст.* Худо пок буда гуноҳро ҷазо медиҳад. Ӯ айбдоронро бе ҷазо намемонад (Хуруҷ 34:6,7). Худо нафрати Худро нисбат ба гуноҳ аён карда, бар ҳамаи гуноҳкорон доварӣ мекунад. Ин ҷазо абадан аз ҳузури Худо дур буданро мефаҳмонад. Нигаред ба Юҳанно 8:21,24; Марқӯс 9:43- 48; Луқо 16:22-31; Ваҳй 20:11-15. Азбаски Худо одил асту мо гуноҳкорем, ба мо раҳоӣ ё наҷот аз ҷазои гуноҳҳоямон лозим аст. Мо бояд хитоб карда гӯем: "Чӣ бикунам, то ин ки наҷот ёбам?" (Аъмоли Ҳаввориён 16:30-31).

## Таъмини наҷот

Инҷил хабари хуш мебошад. Ҳеҷ кас сазовори наҷот нест. Худо файзи Худро зоҳир карда, ҳоло ба мо наҷот пешниҳод мекунад. Ин наҷот ба воситаи Писари Ӯ Исои Масеҳ бахшида мешавад, зеро Ӯ барои мо қурбон шуд. Навиштаҳои Пок ба мо ду ҳақиқатро аниқ таълим медиҳанд:

1. *Исои Масеҳ барои наҷот додани гуноҳкорон омадааст* (Матто 1:21). Писари Худо ҷовид буда, бо Падар ва Рӯҳи Пок баробар аст. Барои моро наҷот додан Ӯ мисли мо одам шуд. Юҳанно 3:16,17; Марқӯс 10:45; Матто 9:12,13; Юҳанно 10:11; 15-18.

2. *Исои Масеҳ наҷоти моро ба воситаи марг ва зинда шудани Худ таъмин намуд.* Исои Масеҳ ихтиёран ҷои шуморо иваз карда, дар рӯи салиб мехкӯб шуда мурд ва барои гуноҳҳои шумо азоб кашид. Доварии Худо пурра ба дӯши Исо афтод ва Ӯ ғазаби одилонаи Худоро ба гуноҳкорон бо Худро қурбон карданаш, қонеъ гардонд. Худо нишон дод, ки қурбонии Исо мақбулаш омад ва бар шаҳодати ин Ӯро аз мурдагон зинда карда, аз тарафи рости Худ шинонд. Нигаред ба 1Қӯринтиён 15:1- 4; 2Қӯринтиён 5:21; 1Петрус 2:24; Ишаъё 53:5; Румиён 5:6-9; Аъмоли Ҳаввориён 4:10-12; 5:31; 17:31.

## Чӣ тавр соҳиби наҷот шудан мумкин аст?

Он амалеро, ки барои наҷоти мо зарур буд, Исо ба ҷо овард. Пас барои соҳиби наҷот шудан ба шумо чӣ кор кардан лозим аст?

1. *Шумо бояд тавба кунед*. Тавба тағйирёбии фаҳмиши шумост, ки муносибати шуморо нисбати гуноҳ, худатон, Наҷоткор ва наҷот дигар мекунад. Он дар тағйирёбии рафтори шумо зоҳир мегардад. Луқо 13:3; Аъмоли Ҳавворие̄н 17:30; 20:21-ро хонед. Он гоҳ ба ҷои бепарвоӣ дар масъалаи наҷот шуморо хоҳиши ҳақиқии дарёфтани он фаро мегирад; Ба ҷои худписандӣ шумо аз фурӯтанӣ пур мешавед; Ба ҷои худқаноатмандӣ шумо нотавонӣ ва нокомии худро ошкоро эътироф карда, иқрор мешавед, ки сазовори ҷазои дӯзах ҳастед.

2. *Шумо бояд ба Инҷил боварй кунед*. Инҷил шаҳодати Худо дар бораи Исои Масеҳ ва қурбонии наҷотбахши Ӯст, ки барои шумо ба ҷо оварда шудааст. Нигаред ба 1Юҳанно 5:9,10. Ҳамчун гуноҳкори нобудшуда шумо бояд бовар кунед, ки Исои Масеҳ барои шумо Ҷон фидо кардааст, бале – маҳз барои шумо! Шумо бояд бовар кунед, ки Исои Масеҳ ҷои шуморо иваз карда, барои гуноҳҳои шумо мурд ва барои наҷоти шумо талаботи Худоро қонеъ гардонид (Румиён 4:5).

3. *Шумо бояд бо хоҳиши худ Худованд Исои Масеҳро ҳамчун Наҷотдиҳандаи шахсии худ қабул кунед*. Шумо бояд Ӯро ҳамчун Худованди ҳаёти худ эътироф кунед (Юҳанно 1:12; Румиён 10:9,10; Юҳанно 3:16; 5:24; 6:47; Эфсусиён 1:13;). Ин қадами бисёр муҳим аст. Маҳз худи ҳозир шумо аз самими дил метавонед гӯед: "Худованд Исои Масеҳ, ман медонам, ки гуноҳкори нобудшуда мебошам, вале боварӣ дорам, ки Ту гуноҳҳои маро ба Худ гирифта бароям

қурбон шудӣ. Ман медонам, ки худро наҷот дода наметавонам ва танҳо Ту баҳри наҷоти ман ҳама гуна амалро ба ҷо овардаӣ. Ман ҳамин лаҳза Туро ба дил ҳамчун Наҷотдиҳандаи худ қабул мекунам ва чун Худованд ва Ҳокими зиндагиам эътироф мекунам".

Агар шумо инро ба ҷо оваред, пас "ба Худованд Исои Масеҳ имон овардан"-ро сарфаҳм меравед (Аъмол 16:31).

## Чӣ тавр дилпур шудан мумкин аст, ки наҷот ёфтаед?

Чӣ тавр мо наҷотёфта будани худро аниқ фаҳмида метавонем? Аз Навиштаҳои Пок. Сухани Худо аниқ мегӯяд, ки агар кас ба Исои Масеҳ бовар кунад, гуноҳҳояш бахшида шуда, соҳиби наҷот ва ҳаёти ҷовидон мегардад. Дар Исои Масеҳ ӯ то абад паноҳ ёфта, дар амният мемонад. Аъмоли Ҳаввориён 13:38; 1Юҳанно 2:12; 5:13; Эфсӯсиён 2:8; 1Қӯринтиён 6:11; 1Юҳанно 5:13;  Румиён 5:1; 8:1; Юҳанно 10:27-30 – ро хонед.

### Ҳудудҳои наҷот

Наҷот ба гузашта, ҳозира ваояндаи мо алоқа дорад.

1. *Гузашта.* Мо аз ҷазои гуноҳҳоямон озодем. Бо сабаби он, ки Исои Масеҳ барои гуноҳҳои мо қурбон шуд, мо аз ҷазо озод шудаем (Юҳанно 5:24; Румиён 8:1).

2. *Ҳозира.* Ҳамчунин мо аз ҳукми гуноҳ ва зулми он озод мешавем. Ҳангоми бовар кардан ба вуҷуди мо Рӯҳи Пок дохил шуда, ба мо табиати Илоҳӣ мебахшад. Чун бовардор мо аз зулми гуноҳ, ки дар ҳаёти мо фаъолият мекард, озодии хурсандибахш ҳис мекунем (1Қӯринтиён 6:12; 2Петрус 1:3,4; Румиён 6:1-14). Бо вуҷуди он мо ба гуноҳ афтода метавонем, зеро мо дар ин ҳаёт соҳиби табиати гуноҳолуд мебошем, ки ҷисм номида мешавад. Аммо агар мо чораҳои аз Худо бахшидашударо истифода барем, гуноҳ дар ҳаёти мо ҳукмронӣ накарда, ҷои аввалро ишғол намекунад.

Агар мо аз зулми гуноҳ озод шудан хоҳем, чораҳои зеринро андешидан лозим аст:

**а.** Навиштаҳои Покро хондан, омӯхтан ва ба он итоат кардан (2Тимотиюс 2:15; Яъқуб 1:22).

**б.** Барои ҳаёти пурфайзу самарабахш ҷисми худро ба Худо супурдан (Румиён 6:13; 12:1,2).

**в.** Доимо ба воситаи дуо бо Худо алоқа доштан (Ибриён 4:14-16).

**г.** Барои ҳар як гуноҳи содиршуда фавран пеши Худо тавба кардан ва бо ёрии Худованд дигар такрор накардани он (1Юҳанно 1:8,9; Тимотиюс 2:11-15).

3. *Оянда.* Рӯзе фаро мерасад, ки мо аз ҳузури гуноҳ озод мешавем. Ин ҳодиса ҳангоми бозгашти Исои Масеҳ рӯй медиҳад. Он гоҳ Ӯ бандагони аз олам гузаштаи Худро зинда гардонда, бовардоштагони зиндаро дигаргун месозад, то ин ки онҳо маргро набинанд. Ин қисми хотимавии наҷот мебошад (Ибриён 9:28; 1Таслӯникиён 4:13-18).

**Оқибати наҷоти мо**

Пас аз наҷот ёфтан дигаргуниҳои бисёре ба вуҷуд меоянд (Эфсӯсиён 1:3-14). Мо баъзеи онҳоро ёдовар мешавем.

1. *Сулҳ бо Худо* (Румиён 5:1). Мо дигар душманони Худо нестем.

2. *Худо моро ҳамчун фарзанд қабул мекунад ва мо ба оилаи фарзандони Вай дохил мешавем* (Эфсӯсиён 1:5; Юҳанно 1:12; Ғалотиён 4:5,6).

3. *Шодмонӣ дар Худо, ҳамчун фарзандони Ӯ* (Румиён 5:10,11; 8:14-17; Ғалотиён 3:26; 4:7).

4. *Ҳаёт баҳри Худо* (барои Худо зиндагӣ кардан) (2Қӯринтиён 5:14,15; Ғалотиён 2:20; 1Петрус 4:2-5).

5. *Бо кирдори нек ба Худо хизмат кардан ва ба одамони дигар дар бораи Ӯ шаҳодат додан* (Эфсӯсиён 2:10; Матто 5:16; Марқӯс 16:15).

6. *Ба Худо саҷда кардан, Ӯро ситоиш кардан ва ба Ӯ дуо гуфтан* (Юҳанно 4:23,24; Ибриён 10:18-22; 13:15; 4:14-16).

7. *Хонаи абадӣ дар осмон* (Юҳанно 14:1-3; Ваҳй 22:1-5).

То даме ки дар асоси Навиштаҳои Пок оид ба наҷот ёфтани худ боварии қатъӣ пайдо накунед, ором наистед.

# Саволҳо барои гурӯҳан муҳокима кардан

## Дарси 8 – Наҷот

1. Барои чӣ инсон мӯҳтоҷи наҷот аст? Ба фикри шумо, аксари одамон гуноҳкор будани худро эътироф мекунанд?

2. Чӣ тавр Исои Масеҳ гуноҳкоронро бо марг ва зинда шудани Худ наҷот дод?

3. Аз рӯи Навиштаҳои Пок тавба чист?

4. Ба ҳаёти ҷовидонӣ доштан бовар кардан чӣ аст? Чӣ тавр одамон соҳиби чунин боварӣ шуда метавонанд?

5. Шуморо имконияти бо Худо сулҳ пайдо кардан, фарзанди Ӯ шудан ва соҳиби хонаи абадӣ дар осмон гаштан хурсандӣ мебахшад? Маълумот дар бораи ин ба ҳаёти имрӯзаи шумо чӣ гуна таъсир мебахшад?

ДАРСИ НӮҲУМ

# Файз

## Сарсухан

Дар замони ҳозира муносибатҳои Худо нисбати мо аз рӯи файзу баракати Ӯст. Ӯ аз рӯи марҳамати Худ бо мо муносибат мекунад, ки мо сазовори ин нестем.

Дар Навиштаҳои Пок калимаи “файз” бештар аз 160 бор истифода бурда мешавад. Дар Паймони Навин он 128 бор истифода шуда, Худо – Худои “ҳар гуна файз” номида мешавад (1Петрус 5:10). Паймони Навин Исои Масеҳи “пур аз файз”-ро тасвир мекунад (Юҳанно 1:14). Он Рӯҳи Покро “Рӯҳи файз” меномад (Ибриён 10:29). Ҳамин тавр, ҳар се шахсияти Сегонаи Илоҳӣ бо файз алоқаи зич доранд.

## Маънои файз

Дар Паймони Куҳан маънои калимаи файз чунин аст: “раҳм кардан; хайрхоҳона раҳм кардан ба касе ки мавқеи пасттарро ишғол мекунад”. Дар Паймони Навин бошад калимаи “файз” “таваҷҷӯҳ, хайрхоҳӣ, раҳмдилӣ”-ро мефаҳмонад.

Маънои калимаи “файз”-ро бо якчанд калима маънидод кардан мушкил аст, бинобар ин тавзеҳоти зерин барои чуқуртар фаҳмидани мафҳуми ин калима мадад мерасонанд.

1. Файз изҳори муҳаббат нисбат ба касонест, ки сазовори он нестанд. Худо муҳаббат аст, аммо вақте ки ӯ муҳаббати Худро ба гуноҳкорон, нопокон ва айбдорон зоҳир мекунад, ин файз номида мешавад.

2. Файз изҳори муҳаббат ва марҳамати Худост, ҳангоме ки мо лоиқи он набуда, сазовори ғазабу ҷазоем. Ин шафқати Худо нисбати мо дар муҳаббати беканори Ӯст.
3. Файз дар он аён гардидааст, ки Худованд аз ҳама каси азизтарини Худро барои наҷоти махлуқи ночиз ва пасттарин бахшидааст.

**Муқоиса**

Файз ва кирдори некро бо ҳам омехтан даркор нест. Агар мо бо кирдори нек соҳиби наҷот шуда метавонистем, он гоҳ наҷот танҳо музди кирдори мо мешуд (Румиён 4:4,5; 11:6). Худо аз мо қарздор набуда, наҷот музди хизмат нест.

Файз ва шариатро бо ҳам омехтан даркор нест. Мо ба воситаи иҷро намудани шариат наҷот ёфта наметавонем. Мо ба воситаи файз наҷот меёбем.

Шариат иҷро кардани шартҳои  муайянро талаб мекунад. Файз мегӯяд, ки ин шартҳо иҷро шудаанд.

Шариат хитоб мекунад: "Инро иҷро бикун ва зинда хоҳӣ монд". Файз мегӯяд, ки: "Зиндагӣ кун ва ту инро иҷро хоҳӣ кард".

Шариат мегӯяд: "Худованд Худои худро дӯст дор", файз бошад: "Зеро Худо ҷаҳонро чунон дӯст дошт..." (Юҳанно3:16) ва "Мо ӯро дӯст медорем, чунки аввал Ӯ моро дӯст дошт" (1Юҳанно 4:19).

Шариат беҳтарини моро маҳкум мекунад (Румиён 3:19), файз бошад бадтарини моро наҷот медиҳад (Румиён 3:24; 1Тимотиюс 1:15,16).

Шариат гуноҳҳои моро нишон медиҳад (Румиён 3:20), файз бошад роҳи наҷотро (Титус 2:11-13).

**Мӯҳтоҷӣ ба файз**

Мо аз гуноҳ пур буда, шариати поки Худоро вайрон кардаем (Румиён 3:23; Қӯлассиён 1:21) Бинобар ин аз Худо танҳо сазовори ҷазо ҳастем. Мо ба пеши Худо чун айбдорон дар доварӣ меистем, зеро шариати поки ӯро вайрон кардем (Румиён 3:19; Яъқуб 2:10) ва ба лаънати Худо гирифтор шудем (Ғалотиён 3:10).

Азбаски одамон Писари Худоро рад карданд ва ӯро куштанд, мо ба Худо ҳеҷ даъвое дошта наметавонем (Юҳанно 12:31-33; 3:18).

## Наҷот ба воситаи файз

Агар мо наҷот ёбем, ин танҳо ба воситаи файзи Худо ба амал меояд. Вале Худо пок аст ва ба гуноҳ аҳамият надода наметавонад. Гуноҳ бояд ҷазо дода шавад.

Худо аз покии Худ гузашт накарда гуноҳкорро наҷот дода метавонад ва дар бораи ин мо аз Инҷил маълумот пайдо мекунем. Исои Масеҳ ғазабу ҷазои Худоро, ки гуноҳро фаро мегирад, аз сари Худ гузаронид. Ба шарофати корнамоии Наҷотдиҳанда, Худо ҳар он касро, ки бо бовар ба Исои Масеҳ таваккал мекунад, мебахшад.

Исои Масеҳ барои наҷот ёфтани гуноҳкорон ҳама чизро муҳайё кард. Файз аз гуноҳкор танҳо боварро талаб мекунад, то ӯ соҳиби наҷот шуда тавонад (Эфсӯсиён 2:8,9).

## Баракат аз рӯи файз

Файз ба гуноҳкор баракати бисёр меоварад. Мо се баракати махсусро номбар мекунем.

1. *Наҷот* (Титус 2:11-13). Наҷот онро мефаҳмонад, ки бовардор соҳиби ҳаёти ҷовидон аст.

2. *Сафедшавӣ* (Румиён 3:24-26). Худо ба бовардор чунон назар мекунад, ки гӯё вай ҳеҷ гоҳ гуноҳ накарда бошад.

3. *Роҳ ба ҳузури Худо* (Румиён 5:2). Яъне бовардорони ҳақиқӣ дар дуо ба ҳузури Худо омада метавонанд, зеро ки гуноҳ онҳоро дигар аз Ӯ ҷудо намекунад.

# Саволҳо барои гурӯҳан муҳокима кардан

## Дарси 9 – Файз

1. Маънои калимаи “файз”-ро муҳокима намоед. Барои чӣ одамон сазовори файз шуда метавонанд? Барои чӣ одамон сазовори файз шуда наметавонанд?

2. Мавқеи “кирдор”-ро дар масъалаи наҷот дида бароед. Кирдори нек барои наҷот ёфтан шарти муҳим аст, ё ин ки он натиҷаи наҷот мебошад? Инро шарҳ диҳед.

3. “Файз” ва “шариатро”-ро муқоиса кунед. Нишон диҳед, ки бо кирдор ва кӯшишҳои худ инсон ба Худо хуш омада наметавонад.

4. Чӣ тавр шумо “файз”-ро дар ҳаёти ҳаррӯзаи худ тасвир карда метавонед?

5. Муҳокима кунед, ки чӣ тавр файз ба марги Худованд Исои Масеҳ такя намуда, аз гуноҳкорони ҷустуҷӯкунандаи наҷот танҳо бовар карданро талаб мекунад?

ДАРСИ ДАҲУМ

# Бовар

Бе бовар наҷот ёфтан мумкин нест (Эфсӯсиён 2:8,9), бинобар ин фаҳмидани маънои он бисёр муҳим аст.

## Бовар чист?

Бовар боварӣ ва ақидаи шахсӣ аст. Мо ин калимаро дар зиндагии ҳаррӯзаи худ истифода мебарем. "Ман ба духтури муолиҷакунандаи худ бовар мекунам"-мегӯем мо. Бо ин мо онро дар назар дорем, ки дар масъалаи табобати худ ба ӯ бовар дорем. Ҳамин тариқ дар Навиштаҳои Пок боварии кас ба Худо бовар номида мешавад. Яъне оиди масъалаи наҷот ва паноҳи худ мо ба Худо ва Суханҳои Ӯ бовар мекунем.

## Бовар чӣ тавр ба вуҷуд меояд?

Агар мо ба олами атроф назар кунем, пай мебарем, ки баъзе одамон ба Худо боварӣ надоранд ва бо ин сабаб аз наҷот дуранд. "Пас бовар аз куҷо ба вуҷуд меомада бошад?" – беихтиёр чунин савол дар майнаи мо пайдо мешавад. Аз як ҷиҳат бовар тӯҳфаи Худост (Юҳанно 3:27). Худо ба мо қувват мебахшад, ки мо ба Ӯ бовар кунем.

Вале чӣ тавр мо бовар пайдо мекунем? Ҷавоби ин саволро мо дар Румиён 10:17 меёбем. Бовар аз шунидани Суханҳои Исои Масеҳ ба вуҷуд меояд. Навиштаҳои Пок дар бораи

Исои Масеҳ ҳикоят мекунанд, бинобар ин агар мо бовар надошта бошем, бояд Навиштаҳои Покро хонем. Навиштаҳои Покро хонда, мо бояд чунин дуо кунем: "Худовандо, агар ин Китоб – Сухани Ту буда Исои Масеҳ – Писари Туст, ки барои ман қурбон шуда буд, пас ин ҳақиқатҳоро ҳангоми хондани Навиштаҳои Пок ба ман ошкор намо". Худо ваъда додааст, ки агар мо хости Ӯро ба ҷо овардан хоҳем, ҳақиқатро хоҳем донист (Юҳанно 7:17).

**Бовар ба кӣ ва ё чӣ нигаронида мешавад?**

Бовар ба ягон кас ё чиз нигаронида мешавад: хоҳ он хеш ё дӯст бошад, хоҳ ягон чизи беҷон мисли курсӣ ё мошин.

Бовар доштан ҳанӯз кифоя нест. Мо онро бояд ба ягон кас ё чизи боварибахш равона кунем. Шояд мо ба мошине бовар кунем, ки он моро то ҷои даркорӣ бурда мерасонад. Аммо агар мошин кӯҳнаву дар ҳолати бад бошад, он метавонад дар роҳ вайрон шавад. Он гоҳ мо мебинем, ки ба чизи ноустувор умед бастаем.

Навиштаҳои Пок нишон медиҳанд, ки мақсади ҳақиқии бовар Худованд Исои Масеҳ мебошад (Аъмоли Ҳаввориён 20:21). Чӣ қадар ва чӣ гуна бовар доштани мо аҳамияти калон надорад. Муҳимаш он аст, ки бовар бояд ба Исои Масеҳ бошад. Агар мо ба Исои Масеҳ бовар дошта бошем, албатта наҷот меёбем.

Аз имкон берун нест, ки шумо ба гуфтаҳои Навиштаҳои Пок дар бораи Исои Масеҳ боварӣ доред, аммо бо вуҷуди он чун бисёриҳо ба Худи Ӯ бовар намекунед. Ҳамчунин шумо метавонед бовар кунед, ки фалон қатора (поезд) соати 11-и саҳар ба роҳ баромада, соати 5-и бегоҳӣ ба ҷои муқарраршуда мерасад. Шояд шумо ба ҳама маълумотҳое ки ба поезд тааллуқ доранд, бовар мекунед. Вале то он даме

ки ба қатора савор нашавед, ба он бовар намекунед. Танҳо ҳангоми савор шудан шумо бовар пайдо мекунед, ки он шуморо ба ҷои даркорӣ бурда мерасонад.

Шояд шумо оиди Исои Масеҳ маълумот дошта бошед. Шумо шояд бовар кунед, ки Наҷотдиҳанда дар шаҳри Байт-Лаҳм таваллуд шуда, дар Ҷолҷолто ҷон қурбон кардааст. Шумо шояд бовар кунед, ки Ӯ зинда шуда ба осмон боло рафтааст, аммо то ҳол ба Худи Ӯ бовар надошта бошед. То он даме ки шумо дар масъалаи наҷот, бахшоиш ва ҳаёти ҷовидон худро ба Исои Масеҳ насупоред, ба Ӯ бовари ҳақиқӣ пайдо карда наметавонед.

## Намунаҳои бовар

Дар Навиштаҳои Пок намунаҳои бовар фаровонанд. Дар боби ёздаҳуми Нома ба Ибриён рӯйхати бовардорони ибратбахш оварда шудааст. Инчунин Худованд Исои Масеҳ бо ду шахс вохӯрда буд, ки бовари бузург доштанд. Мирисад бовар дошт, ки агар  Исои Масеҳ танҳо сухане бигӯяд, хизматгораш шифо меёбад (Матто 8:5-10). Зани канъонӣ бовари хоксоронаву боисрор дошт. Ӯ илтиҷо мекард, ки нони ба яҳудиён тааллуқдошта ба ӯ ҳам бахшида шавад (Матто 15:22-28).

## Мукофоти бовар

Худо бовари ҳақиқиро мукофот медиҳад. Бовари ба Худо доштаи кас шарманда намешавад. Худо ҳар як гуноҳкореро, ки дар гуноҳаш тавба карда ба Исои Масеҳ таваккал мекунад, наҷот медиҳад. Наҷоткор гуфтааст: "Ҳар ки назди Ман ояд, бадар нахоҳам ронд" (Юҳанно 6:37).

# Саволҳо барои гурӯҳан муҳокима кардан

## <u>Дарси 10 – Бовар</u>

1. Мафҳуми боварро маънидод кунед. Ин мафҳумро бо якчанд мисол аз зиндагии ҳаррӯза мустаҳкам намоед.

2. Нома ба Румиён 10:17-ро хонда фаҳмонед, ки чӣ тавр мо бовар пайдо карда метавонем. Бовар ва шунидан, дониш ва Навиштаҳои Пок чӣ тавр бо ҳам алоқаманданд.

3. Барои чӣ бовари мо ба Исои Масеҳ, аз бовар ба шахсони мӯътабар, ҷамоат, ташкилот, ё ягон чизи дигар афзалият дорад?

4. Оид ба бовар аз Навиштаҳои Пок як мисол оварда, дар атрофи он муҳокима ронед.

5. Чӣ тавр Худо боварро мукофот медиҳад. Нома ба Ибриён боби 11-ро хонда, дар атрофи он муҳокима ронед.

ДАРСИ ¨ЗДАҲУМ

# Биҳишт ва дӯзах

Одамон барои фаҳмидани ояндаи худ шавқу ҳаваси бисёр доранд. Ин шавқу ҳавас боиси саволҳои зерин мешаванд: Оё бо расидани марг ҳама чиз тамом мешавад? Мурдагон дар куҷо мебошанд? Дар бораи биҳишт ва дӯзах чӣ гуна маълумот вуҷуд дорад?

## Ҳангоми марг бо мо чӣ ҳодиса рӯй медиҳад?

Пеш аз ҳама мо бояд донем, ки одам аз ҷисм, ҷон ва рӯҳ иборат аст (1Таслӯникиён 5:23). Мо бадани худро дидаву онро ҳис карда метавонем. Рӯҳу ҷонро бошад не. Мо бо ҷисм – олами атроф, бо рӯҳ – Худо ва бо ҷон – худамонро дарк карда метавонем. Рӯҳ ва ҷони мо танҳо ба Худо аён аст.

Ҳангоми марг рӯҳ ва ҷон бадани одамро тарк мекунанд. Бадан ба хок меравад (Ҳастӣ 3:19). Рӯҳ ва ҷони наҷотёфтагон ба биҳишт мераванд. Биҳишт ҷои ҳаловату хурсандӣ мебошад (2Қӯринтиён 5:8; Филиппиён 1:21,23). Вале касе ки наҷот наёфта, аз ин дунё гузарад, рӯҳ ва ҷони вай ба "олами мурдагон" мераванд. Олами мурдагон ҷои ҷазо ва азоб мебошад. Худованд таълими аниқ медиҳад, ки одамон пас аз марг эҳсосот ва шуурнокии худро нигоҳ дошта, воқеаҳои дар атрофашон рӯй додаистодаро дарк мекунанд (Луқо 16:19-31). Хондани ин оятҳои муҳимро фаромӯш накунед.

## Дӯзах чист?

Мо аллакай хотиррасон кардем, ки пас аз марг рӯҳ ва ҷони одами нобовар ба олами мурдагон меравад. Олами мурдагон маконест, ки дар он ҷо гуноҳкорон азоб мекашанд (*Луқо* 16:23-25). Ҷони дар он ҷо буда ҳамчун шахси чашм, забон, гӯш ва хотирдошта тасвир мешавад ва ҳолати худро пурра дарк менамояд.

Навиштаҳои Пок илова бар олами мурдагон боз дар бораи ҷои дигари ранҷу азоб маълумот медиҳанд, ки дӯзах ё “кӯли оташин” ном дорад. Ҳангоми доварӣ дар назди “тахти бузурги сафед” Исои Масеҳ гуноҳкорон ва нопоконро маҳкум мекунад ва пас аз он онҳо ба кӯли оташин партофта мешаванд (Ваҳй 20:11-15). Мо олами мурдагонро ба маҳбусхонаи шаҳрӣ монанд карда метавонем, ки дар он ҷо айбдор интизори ҳукми қарор аст. Кӯли оташинро бошад – ба зиндоне ки дар он ҷо гуноҳкор то абад азоб мекашад. Худованди мо дӯзахро тасвир карда мегуфт, ки дар он ҷо кирмҳо намемиранд ва оташ хомӯш намешавад (Марқӯс 9:43-48). Дӯзах ҷои азобу машаққати ҳақиқист.

Оё ҷазо барои гуноҳ абадӣ аст? Дар китоби Ваҳй ҳангоми тасвири азоби маҳкумшудагон ибораи “то абад” истифода бурда мешавад (Ваҳй 14:11).

Оё Худои муҳаббат метавонад роҳ диҳад, ки одамон ба дӯзах афтанд? Худо марги моро намехоҳад. Ӯ наҷоти моро ба воситаи қурбонии Исои Масеҳ таъмин намудааст (Румиён 5:6-8). Агар мо Наҷотдиҳандаро рад кунем, мо дӯзахро интихоб мекунем. Худованд Худои муҳаббат буда (1Юҳанно 4:8), ҳамчунин пок аст (1Петрус 1:16). Ӯ гуноҳро ҷазо медиҳад. Бешубҳа, мо беморонро ба шифохона, ҷинояткоронро ба маҳбусхона ва мурдагонро ба хок месупорем. Мо нисбати онҳо муҳаббат дошта, дар баробари ин чунин рафтор мекунем.

Одамоне ки аз хушхабари Худо бехабар буданд, дар кадом ҳолат мебошанд? Мисли дигар гуноҳкорон онҳо нобудшуда мебошанд. Танҳо Исои Масеҳ метавонад онҳоро наҷот диҳад. Ба воситаи офаридаҳои олами атроф онҳо вуҷуд доштани Худоро фаҳмида метавонанд (Румиён 1:20,21; Забур 18:1). Ҳамчунин виҷдони онҳо аз мавҷудияти некиву бадӣ шаҳодат медиҳад (Румиён 2:15). Агар онҳо ба нури дар онҳо вуҷуддошта тобеъ шаванд, он гоҳ Худо ақли онҳоро бештар рӯшан мекунад. Ба саргузашти Корнилюс аҳамият диҳед (Аъмоли Ҳаввориён боби 10 ва 11).

**Биҳишт чист?**

Онҳоеро, ки Худованд Исои Масеҳро мешиносанд ва дӯст медоранд, ҷои хушбахтӣ ва шодмонӣ интизор аст, ки "осмон" ном дорад. Инро Навиштаҳои Пок таълим медиҳанд.

Калимаи "осмон" дар Навиштаҳои Пок бо се маънои гуногун истифода мешавад. Пеш аз ҳама осмон гуфта фазоеро меноманд, ки дар он абрҳо воқеъ мебошанд (Ҳастӣ 1:8). Сипас фалаке ки дар он ситорагон ҷойгиранд, осмон номида мешавад (Ҳастӣ 1:17). Ниҳоят калимаи "осмон" маконеро тасвир мекунад, ки он ҷо Худо ҳузур дорад. Павлус он ҷоро "осмони сеюм" ва "биҳишт" меномад (2Қӯринтиён 12:2- 4). Мо дар бораи осмон ҳамчун дар бораи чизи "баланд" сухан меронем. Шайтон гуфта буд: "Ба осмон боло мебароям" (Ишаъё 14:13,14).

Мо медонем, ки ҳоло Худованди мо Исои Масеҳ дар осмон ҳузур дорад. Баъд аз он ки Худованд аз мурдагон зинда шуд, Ӯ дар намуди ҷисмонӣ, бо тани ҷалолёфтаи Худ ба осмон боло рафт (Луқо 24:38,39,51; 1Петрус 3:22, Ибриён 1:3).

Дар осмон бовардорони бисёр ҳузур доранд. Пас аз марг бовардор ба осмон бурда мешавад. Навиштаҳои Пок мегӯянд, ки ӯ "аз ҷисм берун рафта назди Худованд макон мегирад" (2Қӯринтиён 5:8). Ин бовардорон бо Худованд шод ҳастанд, ва ин "беандоза беҳтар аст" (Филиппиён 1:23).

Осмон чӣ гуна намуд дорад? Муаллифони Навиштаҳои Пок барои тасвир кардани он калимаҳои даркорӣ пайдо карда наметавонистанд. Дар Китоби Ваҳй 21:10-27 ҳавворӣ Юҳанно шаҳри осмонӣ: таҳкурсӣ, девор, дарвоза ва кӯчаҳои онро тасвир мекунад. Онҳо бо зебоии оличаноби худ фарқ мекунанд. Мо медонем, ки дар осмон беморӣ, дард, ғусса, нола ва марг нахоҳанд буд (Ваҳй 21:4). Вале аз ҳама

беҳтаринаш он аст, ки Худованд Исои Масеҳ дар он ҷо мешавад ва мо дар ҳузури Ӯ шоду хурсанд мешавем.

# Саволҳо барои гурӯҳан муҳокима кардан

## Дарси 11 – Биҳишт ва дӯзах

1. Мафҳумҳои “ҷисм”, “ҷон” ва “рӯҳ”-и одамиро вобаста бо марги бовардор ва нобовар муайян намоед.

2. То даме ки фурсат дорем, дар рӯи замин чӣ тавр бояд зиндагӣ кунем? Инҷили Луқо 16:19-31 дар ин бора чӣ мегӯяд?

3. Дар асоси матн олами мурдагон, дӯзах ва муносибати онҳоро нисбат ба тақдири одами нобовар муҳокима кунед.

4. Онҳое ки дар бораи Исои Масеҳ маълумот надоштанд, дар кадом ҳолатанд? Онҳо наҷот ёфта метавонанд?

5. Одами бовардорро пас аз марг чӣ интизор аст? Нобоварро чӣ? Осмон ё ин ки биҳишт дар куҷост ва чӣ гуна намуд дорад? Биҳишт ҳоло вуҷуд дорад, ё ин ки он дар оянда офарида мешавад?

ДАРСИ ДУВОЗДАҲУМ

# Бозгашти Худованд Исои Масеҳ

Худованд Исои Масеҳ дубора ба замин меояд. Паймони Навин ду ҷиҳати бозгашти Исои Масеҳро мефаҳмонад. Аввал Ӯ барои аз ин ҷаҳон гирифтани ҷамоати Худ меояд. Ҷамоати бовардорон ба осмон бурда хоҳад шуд. Сипас Ӯ бармегардад ва назди тамоми дунё чун Шоҳи пуриқтидор зоҳир мешавад. Навиштаҳои Пок инро зоҳир шудани Исои Масеҳ меноманд.

## Боло бурда шудани ҷамоат

Якчанд порчаи Паймони Навин ба ҷиҳати якуми бозгашти Исои Масеҳ тааллуқ доранд. "Ва ҳангоме рафта барои шумо ҷой тайёр кунам, боз омада шуморо бо Худ мебарам, то дар он ҷо, ки Ман ҳастам, шумо низ бошед" (Юҳанно 14:3). Исои Масеҳ ин ваъдаи Худро пеш аз мехкӯб шуданаш дода буд. Баъдан ҳаввориӣ Павлус ба бовардорони Таслӯникӣ ин воқеаро ёдовар мекунад: "Чунки Худи Худованд бо хабари даъват, ҳангоми садои фариштаи бузург ва карнайи Худо, аз осмон нозил мешавад ва онҳое ки дар Масеҳ мурдаанд, аввал зинда мешаванд; баъд мо зиндаҳо, ки боқӣ мондаем, бо якҷоягии онҳо бар абрҳо боло бурда хоҳем шуд, то бо Худованд дар ҳаво вохӯрем; ва ҳамин тавр ҳамеша бо Худованд хоҳем буд" (1Таслӯникиён 4:16,17; муқоиса кунед бо 1:10; 2:19; 3:11-13; 1Юҳанно 3:1-3).

Вақте ки Исои Масеҳ бармегардад, ҳамаи онҳое ки ба Ӯ ҳамчун ба Наҷоткори худ умед бастанд, бо Ӯ ба осмон бурда

мешаванд. Онҳое ки табиати Исоро доштанд, бо Ӯ мешаванд. Дар бобҳои шашум ва ҳафтум мо чӣ тавр соҳиби ин табиати Илоҳӣ шуданро дида баромадем. Он ба мо ҳангоми зодашавии нав, вақте ки мо Худованд Исои Масеҳро ҳамчун Наҷоткори худ қабул мекунем, бахшида мешавад (Юҳанно 1:12,13; 3:5-8).

Баъд аз он ки Исои Масеҳ ҳамаи бандагонашро бо Худ мегирад, дар рӯи замин замони мусибатҳои бузург фаро мерасад. Худованд ин замонро тасвир карда мегуфт: "Зеро дар он замон чунон мусибати бузурге хоҳад шуд, ки аз ибтидои олам то ҳол нашудааст ва бори дигар нахоҳад шуд" (Матто 24:21). "Дар он замон чунон мусибати бузурге хоҳад шуд, ки агар он айём кӯтоҳ намешуд, ҳеҷ кас наҷот намеёфт" (Матто 24:4-28; Марқус 13:5-23; Ваҳй 6:1-19:21).

Худованд Исои Масеҳ барои гирифтани ҷамоати Худ меояд ва ин вохӯрӣ дар ҳаво мешавад (1Таслӯникиён 4:17). Ӯ ин дафъа мисли якумбора намеояд, балки ҳангоми зоҳир шуданаш аз осмон ба замин фуруд меояд, то ин ки бар он подшоҳӣ кунад. Ин ҷиҳати дигари бозгашти Ӯст (Закарё 14: 4).

## Зоҳир шудани Исои Масеҳ дар ҷалол

Вақте ки Исои Масеҳ бо қудрату ҷалоли бузург аз осмон фуруд меояд, замони бадбахтиву мусибат ба охир мерасад (Матто 24:31; 25:31; 2Таслӯникиён 1:7-10; 2:1-12). Ӯ душманони Худро шикаст дода, чун Шоҳ – Ғолиб ҳозир мешавад ва шахсонеро, ки ба Инҷил итоат накарданд, доварӣ мекунад. Сипас Исои Масеҳ дар замин муддати ҳазор сол ҳукмронӣ мекунад (Ваҳй 19: 11-21; 20:6). Ин ҳукмронӣ "Подшоҳии Ҳазорсола" номида мешавад. (Ишаъё 11:6-9; 32:1; 35:1-7; 65:17-25).

Баъд аз подшоҳии ҳазорсолаи Исои Масеҳ ҳамаи нобоварон дар назди тахти бузурги сафед доварӣ карда мешаванд (Ваҳй 20:11-25).

Замин нобуд мешавад (2Петрус 3:10-13). Сипас осмони нав ва замини нав пайдо мешаванд (Ваҳй 21:1-8).

Гирифта шудани ҷамоат барои бовардорон воқеаи навбатиест, ки дар нақшаи Худованд пешбинӣ карда шудааст. Навиштаҳои Пок таълим медиҳанд, ки мо бояд пок зиндагӣ карда, бозгашти Ӯро интизор бошем. "Эй муқаддасон! Мо акнун фарзандони Худо ҳастем, вале ҳанӯз маълум нашудааст, чӣ хоҳем буд. Фақат ҳамин қадарашро медонем, ки дар вақти зоҳир шуданаш монанди Ӯ хоҳем буд, зеро Ӯро, чунон ки ҳаст, хоҳем дид. Ва ҳар кӣ аз Ӯ ин умедро дорад, худро пок менамояд, чунки Ӯ пок аст" (1Юҳанно 3:2,3).

Пеш аз бозгашти Исои Масеҳ одамон бештару бештар ғарқи гуноҳ мешаванд. Баъзеҳо ҳатто боварро тарк мекунанд. "Ва инро бидон, ки дар айёми охир замонҳои сахт фаро хоҳанд расид. Зеро ки одамон чунин хоҳанд шуд: худписанд, зарпараст, пурғурур, ҳавобаланд, бадзабон, беитоат ба падарону модарон, кӯрнамак, нопок, ноаҳл, номуросо, тӯҳматчӣ, худдоринакунанда, бераҳм, душмани некӣ, хоин, беҳаё, бодӣ, ки айшу ишратро бештар аз Худо дӯст медоранд ва намуди зоҳирии диндорро доранд, вале қуввати онро инкор мекунанд. Аз чунин шахсон дур шав" (2Тимотиюс 3:1-5 ). "Рӯҳи Пок кушоду равшан мегӯяд, ки дар замонҳои охир баъзе касон аз имон баргашта, ба арвоҳи фиребдиҳанда ва таълимоти шайтонӣ гӯш медиҳанд" (1Тимотиюс 4:1).

Шумо ба шумораи наҷотёфтагон тааллуқ доред? Агар Худованд Исои Масеҳ имрӯз баргардад, шумо ба вохӯрӣ бо Ӯ тайёред? Агар шумо бовардор бошед, оё ҳаёти худро бо Худованд ва дар покӣ гузаронида истодаед?

# Саволҳо барои гурӯҳан муҳокима кардан

## <u>Дарси 12 – Бозгашти Исои Масеҳ</u>

1. Навиштаҳои Пок дар бораи бозгашти Исои Масеҳ чӣ мегӯянд?

2. Пас аз бозгашти Худованд барои ҷамоати Худ (1Таслӯникиён 4:16,17) дар замин замони бадбахтиву мусибат фаро мерасад. Ин замон кай хотима меёбад?

3. Мувофиқи Матто 24:30; 25:31; Ваҳй 20:6, замони "Подшоҳии Ҳазорсола" чӣ гуна мешавад?

4. Байни замони ҳозира ва он чизе ки дар 2Тимотиюс 3:1-5; 2Тимотиюс 4:1 сабт шудааст, чӣ гуна алоқа мушоҳида мешавад?

5. Бовардор бозгашти Худованд Исои Масеҳро интизор шуда, чӣ гуна бояд рафтор намояд?